DCAF POLICE PROGRAMMES
БАРНОМАҲОИ НДҚМ БАРОИ ПУЛИС

# Дастур оид ба асосҳои демократии фаъолияти полис

The Geneva Centre for the Democratic Control of Armed Forces

Аз ҷониби Мушовири калони Котиби кулли САҲА оид ба масъалаҳои полис тартиб дода шуд

# Дастур оид ба асосҳои демократии фаъолияти полис

Вена, Декабри соли 2006
© САҲА 2006

Ҳамаи ҳуқуқҳо зери муҳофизат мебошанд. Мазмуни китоби мазкур метавонад озодона мавриди истифода ва нашри адад бо мақсади таҳсилотӣ ва ғайритиҷоратӣ қарор гирад, бо шарте, ки ҳар гуна чунин намоиш бояд бо ҳавола ба САҲА ба сифати манбаъ ҳамроҳ гардад.

Созмон оид ба Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо
Идораи Котиби Кулл
Шӯъбаи масъалаҳои стратегии фаъолияти полис
Kartnter Ring 5-7 A-1010 Вена Австрия
Почтаи электронӣ: spmu@osce.org Сомона (Веб-сайт): http://www.osce.org/policing Веб-сайт: http://polis.osce.org

Бо ҷонибдории:

ВАЗОРАТИ КОРҲОИ
ХОРИҶИИ ФИНЛЯНДИЯ

# МУНДАРИҶА


Муқаддима ........................................................................................6
Изҳори минатдорӣ ...........................................................................8
Принсипҳои калидии асосҳои демократии фаъолияти полис ...............12
Дастур оид ба асосҳои демократии фаъолияти полис ..........................14
I. Вазифаҳои полис дар давлати демократӣ ......................................14
*Фаъолияти политсиягӣ ҳамчун хадамоти ҷамъиятӣ ..........................14*
*Вазифаҳои демократӣ .......................................................................16*
II. Ҷонибдории волоияти қонун ..........................................................17
*Мавқеъи полис ...................................................................................17*
*Ҳамкорӣ бо низоми адолати судии ҷиноятӣ ......................................20*
III. Одоби политсиягӣ ва ҳуқуқи инсон ................................................20
*III.1 Одоби политсиягӣ .......................................................................20*
*Масъалаҳои коррупсия .......................................................................22*
*III.2 Ҳуқуқҳои инсон ...........................................................................25*
*Масъалаҳои таъбиз ............................................................................26*
*Тафтишоти политсиягӣ .......................................................................29*
*Дастгирии ҷабрдидагон ва шоҳидон ...................................................33*
*Ҳабс ва дар ҳабс нигоҳ доштан ..........................................................34*
*Нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи озодиҳои демократӣ...38*
*Татбиқи қувва .....................................................................................39*
*Шиканҷа, бедаракшавии зӯроварона ва дигар муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ...........................................41*
IV. Ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар фаъолияти полис..........................43
*IV.1 Ҳисоботдиҳӣ ва назоратбарӣ .........................................................43*
*Институтҳои назорат ..........................................................................44*
*IV.2 Шарикии полис ва аҳли ҷомеа .......................................................48*
*Механизмҳои мурочиат ба хизматрасонии полис ...............................49*
*Муносибати полис ва ВАО ..................................................................49*
*Интишори ҷамъиятии ҳисоботҳо .........................................................50*
*Ташкили форумҳо ҷиҳати муҳокимаҳои кушода...................................50*
*Шаклҳои кори полис, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфтанд52*
*Гуфтугӯ бо ҷамъиятҳои аққалиятҳо ....................................................53*
*Ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ............................................54*
V. Ташкили фаъолияти полис ва масъалаҳои идоракунӣ ......................55
*Мартаботи хизматӣ ва мухторияти оперативӣ ....................................55*
*Роҳбарият ............................................................................................57*
*Ҳайати кадрии полис ..........................................................................58*
*Сиёсати кадрӣ .....................................................................................60*

*Нигоҳ доштани кадрҳо* ............ *62*
*Пешравӣ дар хизмат ва мартабаи баланд* ............ *63*
*Ҳуқуққҳои кормандони полис* ............ *64*
*Таҷҳизот* ............ *66*
*Таълим* ............ *66*
VI. Хулоса ............ 69
Сарчашмаҳо ............ 71
Ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ............ 71
Библиография ............ 76
Нишонаи мавзӯӣ ............ 82

Эҳтироми пурраи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ ва рушди ҷамъиятҳо, ки дар демократияи гуногунандешӣ ва волоияти қонун асос мееёбанд, шартҳои зарурӣ барои таъмини инкишофи фароҳамоварии вазъияти устувори сулҳу суботкорӣ, амният, адолат ва ҳамкорӣ дар Аврупо мебошанд.

САҲА (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар аврупо), Ҳуҷҷати ҷаласаи Конфронс оид ба андозагирии инсонии САҲА (Копенгаген соли 1990), дебоча.

## Муқаддима

Полис бештар зоҳиршавии намоёни ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки барои амнияти ҷамъиятӣ масъул аст. Фишори ҷиддиро мавриди муқобилат ба мавҷҳои афзоишноки ҷинояткории муташаккилона ва таҳдидҳои нав ба амнияти байналмилалӣ ва миллӣ дар минтақаи САҲА, аз ҷумла таҳдидҳои терроризм эҳсос намуда, полис бояд доимо мувофиқ ба ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ амал кунад ва ҳуқуқҳои инсонро эҳтиром намояд.

Давлатҳо-иштирокчиёни САҲА, «назоратбарии демократии сиёсиро аз болои полис ҳамчун унсури ивазнашавандаи субот ва амният дида мебароянд». Мавриди ҷонибдории ҷараёнҳои демократизатсия дар ҷамъиятҳои баъди-низоӣ ва давраи гузариш, боз ҳам бештар ба волоияти қонун аҳамият дода мешавад. Ин норасогии асоси стандартикунонишудаи консептуалиро барои самтгардонии чунин намуди фаъолият ки бо полис алоқаманд мебошад, ошкор намуд, ки ба пайдоиши назарҳои гуногунро нисбат ба таълимоти полис ва амалисозии барномаҳои ислоҳоти полис овардааст.

Дар робита бо ин Мушовири калон оид ба масъалаҳои фаъолияти полиси САҲА, дар ҳамкорӣ бо давлатҳо-иштирокчиёни САҲА ва ташкилотҳои шарикӣ ҳаракатҳоро ҷиҳати амалисозии минбаъдаи меъёрҳои мавҷуда, стандартҳо, принсипҳо ва амалияи татбиқи онҳо кӯшиш намудааст ва чун ҳадаф доштааст, ки ин меъёрҳо ва принсипҳоро барои кормандони амалӣ, ки дар фаъолияти полис ва адолати судӣ манфиатдоранд, дар шакли ҳуҷҷати дар истифодабарияш сода ва хонданбоб дастрас намояд: Дастур оид ба асосҳои демократии фаъолияти полис.

Дастури мазкур саҳми худро дар иҷрои дастурҳои давлатҳо-иштирокчиёни САҲА ҷиҳати ҳамкорӣ намудан «бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба полис ҷиҳати иҷро кардани вазифаҳои худ мувофиқ ба принсипҳои демократия ва волоияти қонун имконият медиҳанд», инчунин иттилоотро дар хусуси сабақгирӣ ва амалияи беҳтарини полис дар муқовимат ба хатарҳои нав ба амният мегузорад.

Ин Дастур бо мақсади мусоидат намудан ба кормандони САҲА, ки кори онҳо бо фаъолияти полис ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста аст, инчунин таҷрибадорон ва таҳиягарони барномаҳои стратегӣ оид ба рушд ва мустаҳкам намудани фаъолияти полис дар давлати демократӣ таҳия карда шудааст. Ҳамчун ҳуҷҷати зинда, ин Дастур барои илова намудани стандартҳо ва мисолҳои таҷрибаи мусбӣ дар оянда кушода мебошад.

Дастури мазкур ба таври амиқ мақсадҳои хадамоту қувваҳои полисро дар давлати демократӣ ифода менамояд; аз ҷумла муҳимияти риояи волоияти қонун, одоби полис ва стандартҳои ҳуқуқи инсон аз ҷониби онҳо; нақши калидии ҳисоботдиҳии полис ба қонун ва ҷомеа, ки хизматгораш мебошад; инчунин зарурати ҳамкорӣ бо ҷамъиятҳо, онро эътироф намуда, ки фаъолияти босамари полис бе шарикӣ аз тарафи ҷомеа, ки ба вай бояд хизмат менамояд имконнопазнопазир аст. Ба ғайр аз ин, Дастур ба паҳлуҳои сохторӣ ва идоракунандаи дохили полис бахшида шудааст, ки барои ташаккул ва ҷонибдории асосҳои демократии фаъолияти полис зарур мебошанд.

Ҳар яке аз ин принсипҳои асосҳои демократии фаъолияти полис дар Дастури мазкур инъикоси худро ёфтааст ва бо ҳавола ба тадқиқоти дахлдори амиқ, инчунин стандартҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, ҳамроҳӣ мегардад. Дастури мазкур «калиди» кушодани ин ҳуҷҷатҳо барои хонанда мебошад. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо, ки ба онҳо истинод оварда шудааст, дар компакт-диски да Дастури мазкур замима мешуда дастрас мебошанд. Мақолаҳои илмӣ бошад, ба компакт-диск танҳо онҳое ҷойгир шуданд, ки барои интишори онҳо ноширон ҳуқуқҳои дахлдори муаллифӣ пешниҳод намуданд.

**Кевин Карти,**

ба  Мушовири калони Котиби кулли САҲА оид масъалаҳои фаъолияти полис

## Изҳори минатдорӣ

Мушовири калони САҲА оид ба масъалаҳои фаъолияти полис, ҷаноби Кевин Карти, ҳадафи таҳияи Дастури мазкурро дар якҷоягӣ бо давлатҳо-иштирокчиёни САҲА ва ташкилотҳо-шарикон, гузоштааст, бо ин гуногунандешагии назарҳо оид ба мавзӯи мазкур ба ҳисоб гирифта шавад, ки дар заминаи таҷрибаи гуногуни фарҳангӣ ва институтсионалӣ (*паҳлуи ташкилии самтҳои асосии фаъолият ва вобаста ба ин ваколатдоркунии воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ*) асос ёфтааст. Бо ин мақсад Мушовири калони САҲА оид ба масъалаҳои фаъолияти полис гурӯҳи экспертҳои барҷастаро оид ба масъалаҳои полис, ки аз намояндагони давлатҳо-иштирокчиён инчунин ташкилотҳои дахлдори байналмилалӣ ва мустақили тадқиқотӣ иборат мебошад, ташкил додааст. Вай инчунин ба ҳайси муаллифи асосии лоиҳаи кории дастур доктор Торстен Стодиек, Тадқиқодчии калони Маркази омӯзиши САҲА (CORE) дар Институти тадқиқоти сулҳ ва сиёсати амнияти донишгоҳи Гамбургро таъин намуд. Лоиҳаи Дастури мазкур мавзӯи якчанд тафсирҳои хаттии экспертҳо буд ва ҳангоми вохӯрии дурӯзаи экспертҳо дар шаҳри Вена мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Мушовири калони САҲА оид ба масъалаҳои фаъолияти полис аз саҳми ҳамаҷониба ва мӯътабари экспертҳо ба ин ҷараён самимона минатдории худро баён менамояд.

**Ба сифати экспертҳо дар тартиб додани Дастур иштирок намуданд:**

Пиер Аепли, Маркази Женевагии назоратбарии демократии Қувваҳои мусаллаҳ (DCAF); Дмитрий Алешкевич, Мушовири сиёсии Комиссари кулл оид ба аққалиятҳои миллии САҲА;

Бо Астром, Детективи калон-суперинтендант, Департаменти масъалаҳои сиёсӣ, шӯъбаи ҳамоҳангсозии байналмилалӣ, Шӯрои миллии полиси Шветсия;

Паал Христиан Балчен, Муовини сардори полис, Шӯъбаи таҳлил ва пешгирии ҷиноятҳо, Раёсати миллии полис, Норвегия;

Стив Баннетт, Директор, Таҳсилоти полис ва рушд, Намояндагии САҲА дар Косово; Ларри Берд, Барномаи мусоидат ва баҳодиҳӣ, Бюро оид ба моводи нашъаовари байналмилалӣ, Госдепартаменти ИМА;

Благородна Макева, Мушовири калони ҳуқуқӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Идораи полис, Болгария;

Йозеф Бода, Директори Маркази байналмилалии таълимӣ, Вазорати адлия ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, Будапешт, Маҷористон / мушваратчии DCAF;

Джеймс Браун, Ёвари директор, Комиссия оид ба аккредитатсияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (CALEA), ИМА;

Луиджи Бруно, Маркази санъати полиси ҳифзи тартибот (CoESPU);

Эндрю Карпентер, Мутахассис оид ба масъалаҳои сиёсӣ, Шӯъбаи масъалаҳои стратегии фаъолияти полис (SPMU), Котиботи САҲА;

Тимоти Дел Веккио, Мутахассис оид ба масъалаҳои фаъолияти полис, SPMU, Котиботи САҲА;

Ксаве Дени, Машваратчӣ, Намояндагии доимии Фаронсо дар САҲА;

Барт Д'Хуге, Сарвари хадамот, Раёсати Аврупоии ҳамоҳангсозанда, Ҳамкории байналмилалии полис, Полиси Федеролӣ – Идораи комиссари Кулл, Белгия;

Кнут Дрейер, Мушовири калон оид ба масъалаҳои полис, Сарвари шӯъба оид ба масъалаҳои полис, Намояндагии САҲА дар Хорватия;

Фрида Факсборн, Ҳамоҳангсози Шӯрои Аврупо, Шӯъбаи масъалаҳои байналмилалии полис, Шветсия;

Ярон Готтлиб, Корманд оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ICPO-Интерпол;

Кристина Гесик, Ҳамоҳангсози миллии ҳуқуқи инсон дар полис, Идораи миллии полис, Полша;

Ян Канторчик, Котиби якум, Намояндагии доимии Олмон дар САҲА;

Анита ван де Кар, Маъмур, Департаменти масъалаҳои ҷинояткорӣ, Идораи кулл I – масъалаҳои ҳуқуқӣ, Шӯрои Аврупо;

Фатих Караосманоглу, Дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва муовини директори Донишкадаи омӯзиши амният, Академияи полис, Туркия;

Раймантас Касперавичус, Комиссар, Сармутахассиси Шӯъбаи стратегияи фаъолияти полис, Идораи полис, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Литва;

Майгул Кемалы, Муовини сардори дирексияи назоратбарӣ ва методология, Кумитаи тафтишотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон;

Кристиаан Мартенс, Мутахассис оид ба масъалаҳои фаъолияти полис, SPMU, Котиботи САҲА;

Пол Моррисон, Дастаи сафарбарии байналмилалӣ / Гурӯҳи вазъияти низоъангез, Вазорати корҳои хориҷӣ ва оид ба корҳои Иттифоқ, Британияи Кабир;

Рэйчел Нейлд, Ташаббуси ҳуқуқии ҷомеаи кушод / Ислоҳоти миллии истеҳсолоти судии ҷиноятӣ;

Хосе Дюк Кичос, Саридораи полис ва гвардияи граждани, Испания; Ханс-Иоахим Ратслафф, Мушовири ҳарбӣ, Намояндагии доимии Олмон дар САҲА;

Адам Порзсолт, Ҳамоҳангсози таълим, Академияи байналмилалии ҳуқуқтатбиқкунӣ, Будапешт, Маҷористон / Машваратчии DCAF

Ардиан Спахиу, Офиси директор, Корманд оид ба масъалаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ / Таҳсилоти полис ва рушд, Намояндагии САҲА дар Косово;

Торстен Стодиек, Муҳаққиқи калон, Маркази тадқиқоти САҲА (CORE) дар Донишкадаи тадқиқоти сулҳ ва сиёсати амнияти Донишгоҳи Гамбург, Олмон / Машваратчӣ оид ба масъалаҳои полис, SPMU, Котиботи САҲА;

Джефф Томас, Вазорати адлияи ИМА, Барномаи таълими ҳамкории байналмилалӣ мавриди тафтишоти ҷиноятӣ (ICITAP), ИМА;

Филип Толсон, Сарвари идораи рушди полис, Намояндагии САҲА дар Скопие; Карр Тревиллиан, Иҷрокунандаи вазифаи директор, Вазорати адлияи ИМА, Барномаи таълими ҳамкории байналмилалӣ мавриди тафтишоти ҷиноятӣ (ICITAP), ИМА;

Мария Асунсион Васкес Диас де Туеста, Саридораи полис ва гвардияи гражданӣ, Испания;

Вячеслав Воробёв, Мутахассис оид ба фаъолияти полис, SPMU, Котиботи САҲА;

Ҷеймс А. Уолш, Нозир, Барномаи мусоидат ва арзёбӣ, Бюро оид ба маводи нашъаовари байналмилалӣ, Департаменти давлатии ИМА;

Мурат Йилдиз, Мутахассиси оид ба масъалаҳои фаъолияти полис, SPMU, Котиботи САҲА.

Мушовири калони САҲА оид ба масъалаҳои фаъолияти полис ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии зерин, ТҒҲ ва муассисаҳо, ки ҳуқуқи муаллифиро ҷиҳати ворид намудани ҳуҷҷатҳои

онҳо ба комакт-диск бо иттилооти маълумотдиҳӣ ба компакт-диск дастрас намуданд, изҳори минатдорӣ баён менамояд:

Шўрои Аврупо (http://www.coe.int/);

Интерпол (http://www.interpol.int/);

Созмони Миллали Муттаҳид (http://www.un.org/);

Авфи байналмилалӣ (http://www.amnesty.org.);

Сохтори баҳодиҳии умумӣ (http://www.eipa.nl/CAF/CAFmenu.htm);

Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон (http://www.humanrightsinitiative.org/); Фонди «Хадамоти полис дар ҷомеаи сермиллат» (http://www.rotterdamcharter.nl/);

Маркази Женевагии назоратбарии демократӣ аз болои қувваҳои мусаллаҳ (http://www.dcaf.ch/.);

Комиссияи мустақил оид ба фаъолияти полис дар Ирландияи Шимолӣ (http://www.belfast.org.uk/);

Кумитаи байналмилалии салиби сурх (http://www.icrc.org/.); Академияи байналмилалии сулҳ (http://www.ipacademy.org/); Донишкадаи миллии адлия (http://www.ojp.usdoj.gov/nij/);

Ташаббуси ҳуқуқии ҷомеаи кушод (http://www.justiceinitiative.org/);

Маркази иттилоотии Аврупои Ҷанубию Шарқӣ оид ба назоратбарӣ аз болои силоҳи оташфишон ва силоҳи хурдкалибр (http://www.seesac.org/).

**Принсипҳои калидии асосҳои демократии фаъолияти полис**

## I. Вазифаҳои полис дар давлати демократӣ

Полис яке аз шаклҳои зоҳиршавии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Вазифаҳои полис аз инҳо иборатанд:

- нигоҳдории оромӣ ва тартиботи ҳуқуқии ҷамъиятӣ;
- ҳимоя ва этироми ҳуқуқу озодиҳои асосгузорандаи шахсият;
- пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, инчунин
- расонидани кӯмак ва хизматрасониҳо ба ҷомеа.

Кормандони полис устувории қонунӣ будани мавқеи давлатро баланд мебардоранд, агар дар кори ҳаррӯзаи худ намоиш диҳанд, ки онҳо:

- ба эҳтиёҷот ва интизориҳои ҷомеа ғамҳор бошанд, инчунин
- ҳокимияти давлатро ба манфиати халқ истифода намоянд.

## II. Ҷонибдории волоияти қонун

Барои иҷрои ин вазифаҳо кӯшиш намуда, полис вазифадор аст:

- мувофиқ ба ҳуқуқи миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби давлатҳо-иштирокчиёни САҲА қабул карда шуд, инчунин
- ҷонибдории волоияти қонунро дар амал намоиш диҳанд.

Қонунгузорӣ ва муқаррароти танзимкунандаи фаъолияти полис, бояд:

- мушаххас,
- дақиқ,
- барои ҷомеа дастрас бошанд.

## III. Одоби политсиягӣ ва ҳуқуқҳои инсон

Барои он, ки аз боварии аҳолӣ набарояд, полис бояд кодекси одоби касбиро риоя намояд ва намоиш диҳад:

- касбият ва
- поктинатиро.

Чунин кодекс бояд арзишҳои баландтарини одобро ифода намояд:

- манъкуниҳо,
- асосҳои ҳатмии фаъолияти политсиягӣ.

Полис дорои ваколатҳои махсус мебошад:

- муваққатан одамонро аз озодӣ маҳрум намояд;

• истифодаи пурраи ҳуқуқҳоро маҳдуд намояд ва дар ҳолатҳои фавқулодда қувваи марговарро татбиқ намояд.

Аз ин лиҳоз кормандони полис қарзи худро мувофиқ ба:

• стандартҳои умибашарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ иҷро менамоянд.

Муҳофизат ва нигоҳдории ҳаёт бояд афзалияти волотарини онҳо бошад.

**IV. Ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар фаъолияти политсиягӣ**

Асосҳои демократии фаъолияти полис талаб менамояд, ки полис худро ҳисоботдиҳанда ҳисобад, ба:

• шаҳрвандон;

• намояндагони онҳо;

• давлат ва

• қонун.

Бинобарин фаъолият – аз рафтори кормандони алоҳидаи полис то:

• стратегияҳои амалиётҳои полис,

• расмиёти таҳия ва идоракунии буҷет –

бояд барои омӯзиши бодиққат аз ҷониби институтҳои гуногуни назоратӣ кушода бошад.

Ба ғайр аз ин, сифати асосии фаъолияти полис фаҳмиши зарурати ризоияти аҳолӣ мебошад. Замина барои ҷонибдории ҷамъиятӣ инҳо мебошад:

• таъмини шаффофият дар фаъолияти полис, инчунин

• дастгирии механизмҳои гуфтушунид ва ҳамдигарфаҳмӣ бо аҳли ҷомеа, ки ба он полис вазифадор аст хизмат ва онро ҳифз намояд.

**Ташкили фаъолияти полис ва масъалаҳои идоракунӣ**

Давлатҳо ӯҳдадор мебошанд чунин муҳити сохторӣ ва маъмуриро ташкил диҳанд, ки ба мақомоти полис ҷиҳати бо имконияти босамар ва натиҷанок риоя намудани муқаррароти волоияти қонун, ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин стандартҳои эътирофгаштаи ҳуқуқи инсон шароит фароҳам меоварад.

Ин ба худ масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

• мартабаи хизматӣ;

• амалӣ намудани роҳбарӣ;
• ҳайати кадрии полис;
• ҳуқуқҳои кормандони полис, инчунин
• таъминот бо захираҳои кофӣ ва таълимот.

## Дастур оид ба асосҳои демократии фаъолияти полис

## I. Вазифаҳои полис дар давлати демократӣ

1. Полис яке аз шаклҳои зоҳиршавии ҳокимияти давлатӣ мебошад, вазифаҳои бештар падидор, тахйирнопазир ва талабкунандаи дахолат ҷиҳати таъмини некуаҳволии шаҳрвандони алоҳида ва ҷомеаҳои том иҷро менамояд[1].

***Фаъолияти политсиягӣ ҳамчун хадамоти ҷамъиятӣ***

2. Вазифаҳои асосии полис нигоҳдории оромии ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосгузорандаи шахсият, алалхусус ҳаёт; пешгирисозӣ ва кушодани ҷиноятҳо, паст кардани ҷиноятҳо; паст кардани сатҳи тарсу ҳарос; инчунин расонидани кӯмак ва хизмат ба аҳли ҷомеа мебошад[2]. Прогресс дар

---

1 Ниг. Дэвид Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (Вашингтон, 2001), саҳ. 13, инчунин

Ҷереми Трэвис, Полис дар давраи гузариш (Будапешт, 1998), саҳ. 2.

2 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1949), м. 19 ва 20,

Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), м. 19, 2 ва 22;

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (1979), қисми А, § 1;

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (1979), м. 1 ва 2;

САҲА, Баённомаи Париж (1990), саҳ. 3;

Гурӯҳи махсуси байналмилалии политсиягии Созмони Милали Муттаҳид, Дастури комиссар оид ба хадамоти демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (Сараево, 1996), принсипи 5;

Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec(2001)10 оид ба Кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (2001), §§ 1 ва 12; Созмони Милали Муттаҳид, «Принсипҳои роҳбарикунанда барои пешгирии ҷинояткорӣ», Замима ба Қатън. 2002/13 Тадбирҳо оид ба мусоидат ба пешгирии босамари ҷинояткорӣ (2002); Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec(2003) 21 дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ (2003);

Созмони Милали Муттаҳид, Пешгирии ҷинояткорӣ дар шаҳрҳо (2004);

Дэвид Брюс ва Рейчел Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст. Маълумотнома (манбаъ) оид ба назорат аз болои полис дар Африкаи Ҷанубӣ (Маркази омӯзиши зӯроварӣ ва муросо, DS Print Media, Йоханнесбург, 2005), саҳ. 33; инчунин ташаббуси Иттиҳод

пешравиҳо ба сӯи асосҳои демократии фаъолияти полис мерасад, агар гузариш «аз муносибати назоратбарӣ ба муносибати хизматрасонӣ»[3], ҷой дошта бошад, диққати асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирии фаъоли ҷиноятҳо ҷолиби диққат гардонида шавад[4].

3. Полиси демократӣ фаъолияти худро мувофиқи эҳтиёҷоти аҳли ҷомеа ва давлат таҳия ва амалӣ менамояд, инчунин ба расонидани кӯмаки бетахйир барои аъзоёни дар он ниёзманд аҳамияти махсус медиҳад[5]. Полис бояд нисбат ба ҷомеа ғамхор бошад дар маҷмӯъ[6] ва кӯшиш намояд хизматҳои худро фавран ва дар асоси баробарҳуқуқӣ ва беғаразӣ амалӣ намояд[7]. Фаъолияти полис бояд

---

дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис: хело муҳим аст, ки назарногирӣ ҷой дошта бошад, хело таъҷилӣ аст, ки ба тағйир андохта шавад (Ню-Дели, 2005), саҳ. 18 ва 31.

[3] САҲА, Нақши хадамоти ҷамъиятии полис дар барқароркунии боварӣ дар ҷамъиятҳои ақкалиятҳо.

Ҳисоботи хотимавӣ (Вена, 2002), саҳ. 4.

[4] Ниг. Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R(87) 19 оид ба ташкили профилактикаи ҷинояткорӣ (1987);

Созмони Милали Муттаҳид, Дастури Комиссари олӣ оид ба хадамоти демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуҷ. мазкур, эзоҳ. 5), принсипи 5;

Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec(2000) 20 дар бораи нақши бармаҳали дахолати психологӣ ба пешгиринамоии ҷинояткорӣ (2000);

Шӯрои Аврупо, Ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ (ҳуҷ.мазкур, эзоҳи 5), инчунин Шӯрои Аврупо Тавсияи Rec(2006) 8 дар бораи кӯмак ба ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо (2006).

[5] Нигё Шӯрои Аврупо, Қатъномаи 690 (1979) дар бораи қабули эъломия дар бораи полис (1979), қисми Б, § 1;

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), моддаи 1 (с)); инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 44, 49 ва51.

[6] Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), Дебоча, § 8 (а); инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (2000), м. 5.2.

[7] Ниг. Ралф Крошоу, Ҳуқуқи инсон, инчунин назария ва амалияи хадамоти полис. Маърӯза оид ба назария ва амалияи ҳуқуқи инсон, № 10 (Маркази ҳуқуқи инсон, Донишгоҳи Эссекс, Колчестер, 1994), саҳ. 14; Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (1998), стандарти 1;

САҲА, Нақши хадамоти ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 6;

Брюс/Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 21;

Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 16; инчунин

Трэвор Ҷонс, «Идоракунӣ ва ҳисоботдиҳии полис», дар Тим Нюберн, Маълумотнома (манбаъ) хадамоти полис (Портланд, 2005), саҳ. 607.

саҳми худро дар кӯшишҳои умумии ҷомеа оид ба нигоҳдории ҳимояи ҳуқуқӣ ва ҳиссиёти бехатарӣ расонад.

4. Аз рӯи хоҳиши дигар муассисаҳои ҷамъиятӣ, полис бояд ба онҳо дар хизматрасонӣ мусоидат намояд дар мавридҳое, ки ин бо қонун пешбинӣ карда шудааст[8].

### *Вазифаҳои демократӣ*

5. Мавриди дахолат ба мунокишаҳо полис бояд принсипи зеринро ба роҳбарӣ гирад: «ҳар як шахс бояд танҳо ба чунин маҳдудиятҳо фарогир шавад, ки бо қонун махсусан бо мақсади эътирофи дахлдор ва эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ободии умум дар ҷомеаи демократӣ муқаррар гаштааст»[9]. Аз ин лиҳоз метавон ҳисоб карда шавад, ки полис дар муҳофизати баробарӣ, муттаҳидшавӣ ва ягонагӣ[10], дар замони тағйирёбии босуръати таркиби аҳолӣ дар аксари шаҳрҳои калон мебошад[11].

6. Масъалаҳое, ки бо онҳо ба полис аз табақаҳои гуногуни ҷомеа муроҷиат менамоянд ва он ҳолате, ки чӣ тавр полис ба ин муроҷиатҳо чораҳои эътиноӣ меандешад, маҳакҳои арзёбии возеҳи сатҳи дарки асосҳои демократии фаъолияти политсиягӣ мебошад[12]..

7. Кормандони полис қонунӣ будани мавқеи давлатро баланд мебардоранд, агар дар кори ҳаррӯзаи худ намоиш диҳанд, ки

---

[8] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби полис (ҳуҷ. мазкур, эъзоҳи 5), § 18.

[9] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 29 (2).

[10] Ниг. Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам: хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ (Роттердам, 1996), м. 1.4; инчунин Комиссари олӣ [САҲА] оид ба корҳои ақҷалиятҳои миллӣ (HCNM) Тавсияҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти политсиягӣ дар ҷамъияти бисёрмиллӣ (Гаага, 1994), тавс. 1, саҳ. 7.

[11] Ниг. Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), м. 2.1.

[12] Ниг. Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (85) 4 дар бораи зӯроварӣ дар оила (1985);
Уилям Люис ва Эдвард Маркс, «Шарҳ», дар Ҷеймс Бурак, Уилям Люис ва Эдвард Маркс, Полиси гражданӣ ва амалиётҳои бисёрченаи сулҳовар – Силсилаи семинарҳо. Нақшаи полиси демократӣ (Донишкадаи миллии адлия, Вашингтон, 1999), саҳ. 1 ва ғайра;
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 5.3; Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 23, инчунин Шӯрои Аврупо, Кӯмак ба ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 7).

онҳо ба эҳтиёҷот ва интизориҳои ҷомеа ғамхор мебошанд, инчунин ҳокимияти давлатро ба манфиати халқ истифода менамоянд[13] (ниг. низ ба § 21). Агар арзишҳои демократӣ дар он инъикос меёбанд, ки чӣ тавр полис ӯҳдадориҳои худро иҷро менамояд, ин демократия ва мавқеи қонунии давлатро пурзӯр менамояд[14].

8. Боварии ҷомеа ба полис ва эътимод нисбаташ заминаҳои фаъолияти босамари полис мебошанд. Бе чунин дилпурӣ, ҷомеа дар бораи ҷиноятҳо хабар намедиҳад ва ба полис иттилоотро барои анҷом додани кори муваффақи он пешниҳод намекунад[15] (ниг. низ ба §§ 20, 88, 110 ва 124).

9. Ба ғайр аз ин, асосҳои демократии политсиягӣ талаб мекунанд, ки полис дар як вақт берун аз сиёсат бошад ва фаъолнокии демократии сиёсӣ ва равандҳоро ҳифз намояд (масалан, озодии сухан, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва намоишҳо). Дар акси ҳол, демократия зери хатар мебошад[16] (ниг. низ ба § 65 ва 139).

## II. Ҷонибдории волоияти қонун

### *Мавқеъи полис*

10. Полис ҳамаҷоя фишори ҷиноятkории мутақобилаи афзудаистода ва хатарҳои нави амнияти байналмилалӣ ва миллиро, аз ҷумла хатарҳоеро, ки аз терроризм бармеоянд, эҳсос мекунад. Вале

---

[13] Ниг. Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (асари мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 14; Шӯъбаи омӯзиши таҷрибаи беҳтарин, Маълумотнома (манбаъ) оид ба амалиётҳои бисёрченаи сулҳовари СММ, «Боби VII: Полис, ҳокимияти судӣ ва паҳлӯҳои ислоҳии волоияти қонун» (Ню-Йорк), саҳ. 3; инчунин Идораи Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон (OHCHR), Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон/Марказ оид ба ҳуқуқи инсон, Ҳуқуқҳои инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Силсилаи таълимоти касбӣ, № 5 (Ню- Йорк/Женева, 1997), саҳ. 48.

[14] Ниг. Трэвис, Полис дар давраи гузариш (асари мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 2.

[15] Ниг. Гринвуд, Дэвид ва Хьюсман, Сандер (ред.), Шаффофият ва ҳисоботдиҳии қувваҳои полис, хадамоти амният ва хадамоти кашшофӣ (Маркази Женевагии назоратбарии демократии қувваҳои мусаллаҳ (DCAF), Женева, 2005), саҳ. 14.

[16] Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 4.2;
Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec (2001) 10 оид ба кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 4), §§ 43; Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 14;
Брюс/Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 18; инчунин Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 18;

полис бояд доимо мувофиқ ба қонунҳои миллӣ[17] амал намояд (монанди конститутсия, кодекси ҷиноятӣ, қонунҳо дар бораи фаъолияти полис) ва стандартҳои байналмилалӣ[18] нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ва ҳуқуқҳои инсон), инчунин ҷонибдории худро ба волоияти қонун дар амал намоиш диҳад[19].

11. Қонунгузорӣ ва муқаррароте, ки фаъолият ва рафтори полисро танзим менамоянд, бояд возеҳ, амиқ, инчунин барои аҳолӣ дастрас бошанд. Ин муқаррарот ва дастурамалҳо бояд самтҳои асосии пол,ис инчунин арзишҳо, миссия, мақсад ва афзалияти мақомоти алоҳидаро муайян намоянд. Онҳо низ бояд меъёрҳои мушаххас, қоидаҳо ва мисолҳои беҳтарини кори амалиро барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси политсиягӣ пешбинӣ намуда бошанд. Ба ғайр аз ин, онҳо бояд танзими ҳуқуқии ваколатҳои полисро фаро гиранд, инчунин мафҳуми амиқи ҳуқуқвайрокуниҳои ҷиноятӣ. Таъмини дастрасии ҷомеа ба ин тартибу дастурамалҳо арзёбии фаъолияти полисро имконпазир мекунад[20] (ниг. низ ба §§ 80, 87, 107 ва 117).

12. «Кормандони полис бояд ба он қонунгузорие итоат кунанд, ки шаҳрвандони қаторӣ риоя менамоянд, истисно аз ин принсип бояд танҳо бо мақсади иҷрои муносиби кори полис дар ҷомеаи демократӣ асоснок шуда метавонад»[21] (ниг. низ ба § 9 ва 139).

---

[17] Истилоҳи «миллӣ» дар ин ҷо ва дар минбаъда ба ҳамаи дараҷаҳои тақсимоти маъмурӣ дар дохили кишвари дар алоҳидагӣ гирифта шуда, монанди маҳаллӣ, қавмӣ, иёлат/музофот, инчунин федеролӣ/миллӣ фаҳмида мешавад.

[18] Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. А(3);

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (1979), қисми А, § 1;

САҲА, Машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Санади хотимавӣ (Хелсинки, 1975), боби 1, м. VII, саҳ. 7;

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м.1 ва 5;

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м.1;

Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м.4.1; инчунин кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §3.

[19] Ниг. Гурӯҳи махсуси байналмилалии политсиягии Созмони Милали Муттаҳид, Дастури Комиссари олӣ оид ба хадамоти демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуҷ. мазкур, эзоҳ. 5), принсипи 1;

[20] Шӯрои Аврупо, кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §4.

[21] Шӯрои Аврупо, кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §5;

Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), қисми В, § 9 ва 11;

13. Полис ҳама вақт бояд қонунӣ будани амалҳои тасмимгирифтаи худро санҷида барояд[22] ва аз иҷрои ҳар гуна фармоне, ки дар бораи ғайриқонунӣ будани он маълум гардид ё бояд маълум гардида бошад, худдорӣ намояд[23]. Кормандони полис бояд пешгирӣ намоянд ва фаъолона ба ҳар гуна (аз ҷониби полис содиршаванда) вайронкуниҳои қонун ва стандартҳои байналмилалӣ муқобилат намоянд[24]. «Кормандони полиси ҳамаи сатҳҳо бояд барои амалҳои худ, беамалӣ ё фармонҳои дода шуда шахсан масъул бошанд»[25] (ниг. инчунин §§ 26 ва 90).

14. Полис бояд ба вазъияте, ки ба қонун ва тартибот хатарнок мебошад, дар доираи имкониятҳо, то ҳатто агар корманди полис мавриди иҷрои вазифаҳои хизматӣ қарор надошта бошад, вазифадор аст дахолат кунад.

15. Дар чунин ҳолатҳои дахолат кормандони полис бояд худро ҳамчун корманди полис муаррифӣ намоянд[26].

16. Полис вазифадор аст қонунро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти ташкилотӣ ё сиёсии гумонбар татбиқ намояд[27].

---

Крошоу, Ҳуқуқи инсон, инчунин назария ва амалияи хадамоти политсиягӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 10), саҳ. 14; Коллин Льюис, Шикоятҳо аз болои полис. Сиёсати ислоҳотнамоӣ (Аннандэйл, 1999), саҳ. 9 ва ғайра; инчунин Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 17.

22 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §38.

23 Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), Замимаи А, § 4, инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §39.

Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтор барои шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), м. 7 ва 8; инчунин
Шӯрои аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), қисми А, §§ 7 ва 10.

24 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтор барои шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), м. 7 ва 8; инчунин
Шӯрои аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), қисми А, §§ 7 ва 10.

25 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §16.

26 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (1990), м. 10;

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §§14 ва 45; инчунин

Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ. Фаслҳои «Муҳим»-и маърӯзаҳои умумии КАПШ (2004), саҳ. 7, §39.

27 Брюс/ Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 37; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §§16, 36, 38, 39 ва 40.

*Ҳамкорӣ бо низоми адолати судии ҷиноятӣ*

17. Дар ҳоле, ки полис ва дигар муассисаҳои низоми адолати судии ҷиноятӣ мақомоти ҳамдигарпайваст бо муносибатҳои функсионалӣ мебошанд, ки бояд истеҳсолоти судии ҷиноятии қонунӣ, муносиб, босамар ва одилонаро нисбат ба гумонбаршудагони дастгиршуда таъмин намоянд, «полис, чун қоида, набояд дорои вазифаҳои судӣ бошад»[28] ва «бояд аз ваколатҳои судӣ доштааш маҳрум бошад»[29]. Полис бояд мустақилият ва беғаразии судяҳоро эҳтиром намояд[30]. Дар «кишварҳое, ки полис зертобеи айбдоркунандаи давлатӣ ё судяи тафтишотӣ мебошад, ба полис нисбат ба афзалиятҳо дар соҳаи тафтишоти ҷиноятӣ ва гузаронидани тафтишоти ҷиноятӣ оид ба парвандаҳои мушаххас бояд дастурамалҳои аниқ дода шавад. Полис бояд мақомоти болоии тафтишоти ҷиноятиро дар бораи иҷрои дастурамалҳои онҳо хабардорӣ намояд, хусусан мунтазам дар бораи ҳолати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ҳисобот диҳад»[31].

18. Зарурати муносибатҳои функсионалӣ дар байни мақомоти низоми адолати судии ҷиноятӣ инчунин дар назар доштааст, ки ислоҳоти як мақомот босамар ва устувор танҳо дар он ҳолате мегардад, агар мутаносибан дигар соҳаҳо мавриди ислоҳот қарор гирифта бошанд.

19. Ба ғайр аз ин, «полис набояд вазифаҳои ҳайати маҳбасиро иҷро намояд, ба истисноИ ҳолатҳои фавқулодда»[32].

## III. Одоби политсиягӣ ва ҳуқуқи инсон

### *III.1 Одоби политсиягӣ*

20. Барои он, ки дар назди аҳолӣ эътимод дошта бошад, полис бояд касбият ва поктинатиро намоиш диҳад, бо риояи кодекси

[28] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §8, инчунин Ниг. §9.

[29] Кумитаи Маҷористонии Хелсинки, тавсияҳои Будапешт (1999), м. 10

[30] Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии мустақилияти мақомоти судӣ (1985), м. 1,

[31] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §9.

[32] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §10.

рафтори касбӣ[33]. Бо дарназардошти захираҳои маҳдуд ва зарурати муайян намудани афзалиятҳои фаъолият, мавриди таъмини риояи қонун полис бояд имконияти амал намудан аз рӯи салоҳдид дошта бошад. Салоҳдиди полис, лекин, «танҳо он вақт имконпазир ва дархостшуда мебошад, агар вай ба манфиати адолати судӣ ҷавобгӯ бошад»[34], инчунин он вақте, ки вай ба принсипҳои роҳбарикунанда ва кодекси рафтори касбӣ мувофиқат намояд. Ин кодекс бояд арзишҳои олии ахлоқиро инъикос намояд[35], ки дар боздориҳо ва асосҳои ҳатмии фаъолияти полис инъикос меёбанд. Дар кори худ полис бояд дараҷаи баланди поксиратӣ, омодагӣ ҷиҳати муқовимат ба васвасаи сӯистифода аз ҳокимияти политсиягӣ, низ риояи ин арзишҳоро намоиш диҳад.

21. Полис бояд қарзи худро тавоно, поккирдор, беғараз ва самарабахш иҷро кунад, бо дарназардошти махсуси манфиатҳои аҳли ҷомеа ва одамон, ки барои онҳо хизмат менамояд[36] (ниг. низ ба §§ 7 ва 118).

22. Кормандони полис мебоист ба таври дахлдор лавозимотрро эҳтиёт намоянд, инчунин захираҳои молиявиро оқилона истифода намоянд[37].

23. Кормандони полис бояд аз ҳар гуна фаъолият берун аз хизмат, ки метавонад барои иҷрои беғаразонаи фаъолияти полис монеъа гардад ё метавонад барои ташаккулёбии андешаи ҷамъиятӣ

---

[33] Гурӯҳи махсуси байналмилалии политсиягии Созмони Милали Муттаҳид, Дастури комиссар оид ба хадамоти демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), принсипи 3;
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 1, 2, 3 ва 4; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Муайян намудани соҳаи татбиқи кодекс ва § 63.

[34] Льюис, Шикоят аз болои полис (асари мазкур, эзоҳи 24), саҳ. 11.

[35] Гурӯҳи махсуси байналмилалии политсиягии Созмони Милали Муттаҳид, Дастури комиссар оид ба хадамоти демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), принсипи 3.

[36] Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 5.2.

[37] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 23; инчунин Комиссия оид ба аккредитатсияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (CALEA), Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Fairfax, 2006), саҳ. 26-1.

дар бораи мавҷудияти чунин вазъият мусоидат намояд, худдорӣ намоянд[38].

### *Масъалаҳои коррупсия*

24. Кормандони полис набояд имконият диҳанд, ки манфиатҳои хусусии худ ба вазъи оммавии онҳо монеъагӣ кунад ва бояд ба чунин ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо роҳ надиҳанд[39]. Онҳо ҳеҷ вақт набояд вазъи худро ба манфиати хусусиии хеш истифода намоянд, ё ба манфиати оилаи худ, хешовандони наздик, рафиқон, инчунин одамон ва ташкилотҳое, ки бо онҳо алоқаманд мебошанд[40].

25. Коррупсия ҳуқуқвайронкунии ҷиддии бо ҷазои ҷиноятӣ фарогир мебошад, ки бояд алоҳида дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шуда бошад[41]. Ба ғайр аз ин, коррупсия тақсимоти одилонаи хизматрасонии полисро таҳриф менамояд. Ин ду паҳлӯ ба обрӯю эътибори ҷамъиятии полис ва нуфузи давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд.

26. Кормандони полис на бояд содир намоянд, балки ба ҳар гуна амали коррупсионӣ муқовимат намоянд[42]. Коррупсия дар таркиби худ таклифи бевосита ё бавосита, инчунин хоҳиш ё қабули «бевосита ё бавосита, аз ҷониби корманди полис ягон гуна воситаҳои пулӣ, молҳои арзишнок, тӯҳфаҳо, қарзҳо, ваъдаҳо, мукофот ё имтиёзҳо, барои худ ё шахси дигар, гурӯҳ ё муассиса, бар ивази ягон гуна ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки аллакай содир шудааст ва ё

---

[38] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 8, 9, 13, 14, 15, 16, 18, 19, 20 ва 21.

[39] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 8.

[40] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 13.

[41] Ниг. Интерпол, Стандартҳои умумиҷаҳонии мубориза бо коррупсия дар сохторҳои қудратии/хадамоти полис (2002), м. 4а;

[42] Шӯрои Аврупо, Қатънома (97) 24 дар бораи бист принсипи роҳбарикунандаи мубориза бар зидди коррупсия (1997), м. 2; инчунин

Шӯрои Аврупо, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия (Страсбург, 1999), м. 2, 3, 17 ва 19. 45 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 7;

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (1979), қисми А, § 2;

Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (2000); инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 46.

банақшагирии ин дар оянда», вобаста ба мансаби корманди полис ё «иҷрои ҳар гуна вазифае, ки бо фаъолияти полис алоқаманд мебошад», фаро мегирад»[43] (ниг. низ ба § 13).

27. Аммо қазияҳои ахлоқӣ метавонанд бинобар аниқ набудани сарҳад дар байни қобили қабул будан ё қобили қабул набудани қабулкунии минатдорӣ бавуҷуд оянд. «Тӯҳфаҳо, ки мақсад ва натиҷаҳои онҳо мустаҳкам намудани муносибатҳои нек дар ҷомеа ва арзиши тозаи онҳо камаҳмият мебошад, метавонанд ҷоиз бошанд ва ҳамчун таъсиррасонанда нисбат ба беғаразии маҳсуси ташкилот ё корманди алоҳидаи он дида нашаванд»[44]. Вале, андешаи бештар аҳамиятнок бар зидди қабули тӯҳфаҳо дар принсипи тақсимоти одилонаи хизматрасониҳои полис асос меёбад ва ақида дар бораи он, ки фаъолияти полис неъмати ҷудонашавандаи ҷамъиятӣ буда, ба он ҳар кас ҳуқуқ дорад, ба ин принсип шомил мебошад[45] (ниг. низ ба § 111).

28. Мубориза бар зидди коррупсия татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ ва кодексҳои рафторро ҷиҳати иҷрои дуруст, сазовор ва муносиби кори худ аз ҷониби кормандони полис, инчунин тадбирҳои самаранок барои иҷрои ин сиёсат дар ҳамаи сатҳҳои муассисаҳои полис талаб менамояд[46]. Қарори босамар бояд на танҳо ба масоили калидии даромадҳои паст ва имконияти гирифтани пора дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти полис ҳадаф гирад, балки ҳамзамон

---

43 Ниг. Интерпол, Стандартҳои умумиҷаҳонии мубориза бо коррупсия дар сохторҳои қудратии/хадамоти полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 43), м. 2a; Ниг. низ ба м. 2b.

44 Питер Нейрод, «Хадамоти полисиягӣ ва одоб», в Тим Нюберн, Маълумотномаи (манбаъ) хадамоти политсиягӣ (Портланд, 2005), саҳ. 589;
Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 18, 19 ва 20.

45 Ниг. Тим Нюберн, Фаҳмиш ва пешгирисозии коррупсия дар полис: сабақҳо аз адабиёт (Маърӯзаи №110, Силсилаи тадқиқоти политсиягӣ, Лондон, 1999), саҳ. 9.

46 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ дар шароити рушд (1990), м. А. 8;
Кумитаи Маҷористонии Хелсинкӣ, Тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 5;
Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 7.
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 21; инчунин Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи муходира ва ҷинояткорӣ (UNODC), Конвенсияи СММ зидди коррупсия, м. 5 ва 8(2).

таъсирбахшии низоми ҷавобгарии интизомӣ ва ҷазоро барои он такмил диҳад[47].

29. Ҳамин тавр, «пешакӣ дарёфтани хавфҳое, ки метавонанд дар соҳаҳои муайяни фаъолияти полис пайдо гарданд», дар якҷоягӣ бо иттилоот дар бораи вазъи молиявии кормандони полис ва ҳолатҳои эҳтимолии бархӯрди манфиатҳо, ки ба воситаи эъломиякунонии ҳатмии амвол гирифта мешавад, бояд ба «интихоби кормандони полис, ки ҳадди аққал нозукмизоҷ мебошанд», ба таври бодиққат амалӣ шуда оварад»[48]. Тадбирҳои минбаъдаи маъмурӣ метавонанд ба худ бартараф намудани имкониятҳоро ҷиҳати бавуҷудоии коррупсия, бо роҳи маҳрум сохтани кормандони полис аз ваколатҳо оид ба қабули қарорҳо ва ё ба воситаи ротатсияи онҳо дар асоси мунтазамона дарбар гиранд[49].

30. Зарурат дар механизми босамари назорат ва таъмини стандартҳои баланди зиддикоррупсионӣ ва кафолатдиҳии тафтишоти одилона ва бодиққат, инчунин ба адолати судӣ супурдан вуҷуд дорад (ниг. институтҳои назорат дар Боби IV.1) бе харос, хотирхоҳӣ, дилбастагӣ ё сӯиқасди онҳоеро, ки ба коррупсия ва рафтори ҳаромкорона ғӯтидаст[50], ба унвони онҳо нигоҳ накарда.

---

[47] Ниг. Шӯрои Аврупо, Бист принсипи роҳбарикунандаи мубориза бар зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 10;
Шӯрои Аврупо, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 19(1) ва (2);
Нюберн, Фаҳмиш ва пешгирисозии коррупсия дар полис (асари мазкур, эзоҳи 44), саҳ. 46;
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 25.2; инчунин Фрэнк Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ. Вазифаи САҲА дар Косово, Департаменти таълимоти политсиягӣ ва рушд (Приштина, 2005), саҳ. 26.

[48] Нюберн, Фаҳмиш ва пешгирисозии коррупсия дар полис (асари мазкур, эзоҳи 48), В, §§ 4 ва 5, инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 20 ва 32.

[49] Ниг. Нюберн, Фаҳмиш ва пешгирисозии коррупсия дар полис (асари мазкур, эзоҳи 48), саҳ. 46.

[50] Ниг. Шӯрои Аврупо, Бист принсипи роҳбарикунандаи мубориза бар зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 3 ва 7;
Шӯрои Аврупо, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 2,3, 17 ва 19;
Интерпол, Стандартҳои умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бо коррупсия дар сохторҳои қудратии/хадамоти полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 4(d) ва (f), инчунин UNODC, Конвенсияи СММ зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 49), м. 8(6).

31. Ба ғайр аз ин, муассисаҳои полис бояд тадбирҳо ва механизмҳо ҷиҳати сабукбор гардонидани хабарҳо дар бораи ҳолатҳои коррупсия ба мақомоти дахлдор, инчунин ӯҳдадор намудани кормандони худ ҷиҳати додани маълумот ба мақомоти дахлдор дар бораи ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки мебошад ё метавонад хусусияти коррупсионидошта дошта бошад, андешанд[51].

32. Муассисаҳои полис бояд тадбирҳои заруриро ҷиҳати таъмини ҳимоя аз қасдҳои эҳтимолӣ ё тарсонидани шоҳидон ва экспертҳо, дар бораи ҳолатҳои коррупсия нишондод медиҳанд, инчунин, мавриди зарурат хешовандон ва дигар шахсони ба онҳо наздик ҳамаҷониба андешанд[52].

33. Дар иловагӣ бояд қайд намуд, ки мубориза бар зидди коррупсия дар полис ҳисоботдиҳиро дар назди аҳли ҷомеа дар хусуси муносибӣ, таъсирбахшӣ ва самаранокии низоми зиддикоррупсионӣ[53], инчунин иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд (ниг. шарикии полис ва аҳли ҷомеа, Боби IV. 2).

### *III.2 Ҳуқуқҳои инсон*

34. Полис дорои ваколатҳои махсус (аз ҷумла иҷозат барои истифодаи эҳтимолии қувва) ҷиҳати муваққатан маҳрум намудани одамон аз озодии онҳо, истифодаи пурраи ҳуқуқҳоро маҳдуд намудан (масалан, манъ кардан, пурсиш, дастгир кардан ва зери ҳабс гузоштан, мусодираи амвол, гирифтани пайҳои ангуштони даст (банон), аксбардорӣ намудан, ба пуррагӣ гузаронидани муоинаи шахсӣ), инчунин, дар ҳолатҳои фавқулодда қувваи марговарро истифода намудан мебошад. Зиёда аз он, дар ҳолатҳои зиёд, полис дорои озодии қабули қарор дар бораи он, ки кай ва чӣ тавр ин ваколатҳоро истифода намояд, аз рӯи салоҳдиди худ мебошад[54]. Лекин полис ҳама

---

[51] Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 46, инчунин UNODC, Конвенсияи СММ зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 49), м. 8(4).

[52] Ниг.: Шӯрои Аврупо, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 22, инчунин UNODC, Конвенсияи СММ зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 49), м. 32(1).

[53] Шӯрои Аврупо, Бист принсипи роҳбарикунандаи мубориза бар зидди коррупсия (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 44), м. 16.

[54] Ниг. Льюис, Шикоят аз болои полис (асари мазкур, эзоҳи 24), саҳ. 1 ва 10; Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Муайян намудани соҳаи татбиқи кодекс;

вақт бояд волоияти қонунро нигоҳ дорад, мувофиқ ба стандартҳои беҳтарини байналмилалӣ ва меъёрҳои мурофиавӣ ва дастурамалҳо, ки дар қонунгузории дахлдори миллӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ карда шуданд.

35. Мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои худ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд шаъну иззати инсониро эҳтиром ва ҳимоя намоянд, ҳуқуқҳои асосии инсон, инчунин ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро муҳофизат ва дастгирӣ намоянд[55].

### *Масъалаҳои таъбиз*

36. Мувофиқ ба принсипи демократии баробарӣ дар назди қонун, полис вазифадор аст ҳамаи шаҳрвандонро бо як дараҷа, бе таъбиз ва фарқият аз рӯи ҷинс, нажод, ранги пӯст, забон, дин, мафкура, вазъи иҷтимоӣ, миллӣ ё этникӣ, амволӣ, қавмӣ ва ё дигар муҳофизат намояд[56].

---

Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29).

[55] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5);

Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5);

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2;

САҲА, Баённомаи Париж (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 3, инчунин

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 3.

[56] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 7;

САҲА, Санади хотимавӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 20), м. 6;

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), А, §§ 2 ва 8, қисми Б § 4;

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген, Конфронс оид ба андозагирии инсонии САҲА (Копенгаген, 1990), м. 5.9;

Ниг. Фонд «Хадамоти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам: хадамоти политсиягӣ дар ҷамъияти бисёрмиллӣ (асари мазкур, эзоҳи 13), м. 1.4, 1.6 ва 1.7;

Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 1;

Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 5(3), 7, 9, 16(2) ва 18;

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 40 ва 52, инчунин Шӯрои Аврупо, Комиссияи Аврупоии зидди нажодпарастӣ ва тоқатнопазирӣ (КАНТ), Тавсияи умумисиёсии № 7 дар бораи қонунгузории миллӣ оид ба мубориза бо нажодпарастӣ ва таъбизи нажод (2003).

37. Мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон, давлат вазифадор аст «ҳуқуқ ба бехатарии шахсӣ ва ҳимояи давлатӣ аз таҷовуз ё осебҳои ҷисмонӣ, ки ҳам аз тарафи шахсони мансабдори давлатӣ, ҳар шахси дигаре, гурӯҳҳо ва муассисаҳо» таъмин намояд[57]. Ба ғайр аз ин, гурӯҳҳои нозукмизоҷ ё шахсон бояд зери ҳифозати махсус бошанд[58].

38. Ҳимоя ва мусоидат ба амалӣ шудани ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба аққалиятҳои миллӣ мансуб мебошанд, «омилҳои муҳимтарини таъмини демократия, сулҳ, адолат ва субот дар давлатҳо-иштирокчиёни [САҲА] ва дар муносибат байни онҳо» мебошанд[59]. Аз ин лиҳоз полис бояд кӯшиш намояд ваколатҳои нодири худро дар мубориза бар зиддиамалҳои бо таъбизи нажодпарастӣ ва ксенофобия истифода кунад[60].

39. Ҳимояи кафолатдодашудаи ҳама дар назди қонун низ ба полис он ҳолате мамнӯъ аст, ки ягон гуна шахсиятро аз рӯи аломати нажод, ҷинс, дин, забон, ранги пӯст, ақидаи сиёсӣ, молу мулк, қавмӣ ва ё дигар вазъ[61] (ниг. низ ба §§ 126 ва 129).

---

57 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, Қатън. 2106 (XX), Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои таъбизи нажод (1965), м. 5(b);

Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2; Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбат ба занҳо (1979);

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), қисми А, § 8, инчунин

Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 1;

58 Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Дебоча, м. 2(2) ва 3(1);

САҲА, Баённомаи Париж (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 11;

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), м. 25.4;

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва, Конфронс оид ба андозагирии инсонии САҲА (Москва, 1991), М. 38 ва 41.1.

59 САҲА, Баённомаи амнияти Аврупоӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 2), м. 19.

60 Ниг. Фонд «Хадамоти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), введение;

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 30, инчунин

Шӯрои Аврупо, Қонунгузории миллӣ оид ба мубориза бо нажодпарастӣ ва таъбизи нажод (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), § 7.

61 Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2;

40. «Фаъолияти дискриминатсионии полис криминализатсияи ҷамъиятҳои яклухтро тавлид мекунад ва онҳоро аз дастрасӣ ба адолати судӣ маҳрум менамояд»[62]. Дар ин партав, бояд ба таҷрибаи ихтисосмандии этникӣ аҳамияти махсус ҷудо карда шавад. Ихтисосмандӣ худ ба худ наметавонад воситаи фоиданоки мусоидат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар иҷрои ӯҳдадориҳои онҳо гардад. Аммо, бояд ба ихтисосмандии яктарафа роҳ дода нашавад (яъне интихоби шахсон аз рӯи аломати ягонаи хислати умумии гурӯҳ).[63] Масалан, «мансубият ба гурӯҳи муаян (этникӣ), ки тибқи мафкураи одатӣ бештар дар содиршавии ҷиноятҳо моил ҳисоб карда мешавад, набояд ҳамчун асос барои гумонбарӣ истифода гардад».[64] Сиёсати дискриминатсионии «ихтисосмандии гурӯҳҳои сиганӣ ва гурӯҳҳои кӯчманчӣ тамоюли умумиаврупоӣ дорад[65] ва аз тарафи давлатҳо-иштирокчиёни САҲА муаммои махсус эътироф гаштааст[66].

41. Бояд ба сатҳи ноҷоизи баланди ҳузури мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷомеаҳои гурӯҳҳои аққалиятҳои этникӣ роҳ дода нашавад, масалан, дар шакли микдори номуносиби калони хатсайрҳои

---

Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон / Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ (1950), м. 14 ва протоколи 12;

Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои таъбизи нажод (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), м. 2 ва 5;

Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2 ва 3;

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 1 ва 2;

Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба аққалиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ дахл доранд (1993), м. 2.2, инчунин

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 40.

[62] Бен Боулинг ва Коретта Филлипс, «Фаъолияти политсиягӣ дар ҷамъиятҳои аққалиятҳои этникӣ», дар Тим Нюберн, Маълумотномаи (манбаъ) хадамоти политсиягӣ (Портланд, 2005), саҳ. 549.

[63] Кумитаи Маҷористории Хелсинкӣ, тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 14;

CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), м. 1.2.9; инчунин

HCNM, Тавсияҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 16, саҳ. 24.

[64] Боулинг /Филлипс, «Фаъолияти политсиягӣ дар чамъиятҳои аққалиятҳои этникӣ» (асари мазкур, эзоҳи 65), саҳ. 537.

[65] HCNM Тавсияҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 16, саҳ. 24.

[66] САҲА, Баённомаи амнияти Аврупоӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 2), м. 20.

посбоникунанда ва ё рафтори таҳдидкунанда нисбат ба гурӯҳҳои алоҳида ё ҷомеаҳои муайян, баъзан аз тарафи воҳидҳои воҳиманоки мусаллаҳона[67].

42. Бо ҷабҳаи ҷинсии манъи таъбиз масъалаи иддаои шахватӣ аз ҷониби кормандони полис алоқаманд мебошад. Ба кормандони полис қатъиян манъ аст, ки ба ҳар гуна кӯшиши домангирии шахватӣ роҳ диҳанд[68].

### *Тафтишоти политсиягӣ*

43. Тафтишоти политсиягӣ бояд дар гумонбарии ақлонаи вайронкунӣ ё ҷинояти воқеъӣ ё иҳтимолӣ асос ёфта бошанд[69]. Иттилооти оммавӣ, ки барои тафтишоти политсиягӣ асос мегардад, бояд ҳаматарафа ва босамар арзёбӣ карда шавад.

44. Дар кори худ (тафтишотӣ) кормандони полис бояд эҳтимолияти бегуноҳиро риоя намоянд то он лаҳзае, ки гумонбар бо ҳукми суд гунаҳкор дониста шавад[70], инчунин принсипи ҷараёни тафтишоти муносибро татбиқ намоянд.

45. Пурсишҳои аз ҷониби полис гузаронида мешудаи (шоҳидон, ҷабрдидагон ва гумонбаршудагон) бояд бо забони ба онҳо фаҳмо амалӣ карда шаванд. Пеш аз гузаронидани пурсиш, кормандони полис бояд худро ва шахсони дигарро, ки дар ҳаракати тафтишотӣ иштирок менамоянд, муаррифӣ намоянд. Кормандони полис бояд пурсидашавандагонро дар бораи сабабҳои пурсиш, ҳуқуқҳои онҳо ва расмиёти гузаронидани тафтишот маълумот диҳанд.

---

67 Джонс,Трэвор, Нюберн, Тим ва Смит, Дэвид, Демократия ва фаъолияти полис (Донишкадаи омӯзиши сиёсат, Лондон, 1994), саҳ. 46.

68 Ниг. CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 26-1.

69 Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), А, § 8, инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §47.

70 Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 11(1);

Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 14(2);

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), м. 5.19;

Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 7;

Шӯрои Аврупо, Кодекси аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §48, инчунин Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 23.

Шахсони пурсидашаванда инчунин бояд дар бораи ҳуқуқҳои онҳо ҷиҳати алоқа доштан бо адвокат ва истифодаи иштироки ҳимоячӣ мавриди гузаронидани пурсиш хабардор карда шаванд, агар ин бо қонун пешбинӣ шуда бошад (нисбати дастгирии ҷабрдидагон ва шоҳидон, ниг. §§ 52-54). Ба ғайр аз ин, шахсони гумонбаршуда бояд дар бораи он хабардор карда шаванд, ки дар содир кардани кадом ҳуқуқвайронкунӣ гумонбар шудаанд[71]. Гумонбаршудагон набояд маҷбур сохта шаванд ҷиҳати ҳимояи худ, ҷавоб додан ба ягон гуна саволҳо ё бӯҳтони худ ё хешовандони наздики худ намоянд ва ё гуноҳро эътироф намоянд. Гирифтани нишондодҳои иқрорӣ ё ягон гуна арзҳо тавассути татбиқи қувва, шиканҷа (ниг. низ ба § 77) ё таҳдиди татбиқи чунин воситаҳо ва ё тавассути истифодаи моводи нашъадор, бояд манъ ва ҷазошаванда бошад[72]. Бояд инчунин қоидаҳои возеҳ ё дастурамалҳо дар бораи пурсиши шахсони зери таъсири воситаҳои нашъадор ё алкогол мебошанд, муқаррар карда шавад[73].

46. Бояд сабтҳои мунтазами дорои иттилоот дар бораи оғоз ва охири пурсиш, ҳамаи дархостҳои шахсони пурсидашаванда, инчунин дар бораи шахсони мавриди гузаронидани пурсиш иштироккнамуда нигоҳ дошта шаванд[74].

47. Зиёда аз ин, муфаттишоти полис бояд «дилогоҳ бошанд ва ба эҳтиёҷоти махсуси шахсон монанди кӯдакон, ноболиғон, занон ва аққалиятҳо, аз ҷумла аққалиятҳои этникӣ мутобиқ» гарданд[75]. Занон махсусан дар ҷонибдории бетарафу беғараз ва муносибати эҳсосотӣ набуда, дар ҳолатҳои зӯроварии хонагӣ, ҷиноятҳои вобаста

---

[71] САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва (хуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 23 ii, iii;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §50, 53, 55 ва 57; Кумитаи Маҷористонии Хелсинкӣ, тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 12; Кумитаи байналмилалии салиби сурх, Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ дар консепсияҳои касбии фаъолияти полис (Женева, 2002), саҳ 23; инчунин Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), саҳ. 6-7, § § 36-39.

[72] САҲА, Вазифа дар Косово (OMIK), Ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Буклет оид ба ҳуқуқҳои инсон барои полис, саҳ. 13.

[73] Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), §39, саҳ. 7.

[74] Шӯрои Аврупо, Стандарты ЕКПП (хуҷ. мазкур, эзоҳи 29), §39, саҳ. 7.

[75] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (хуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §49, инчунин §44.

ба таҷовуз ба номус, инчунин савдо ва истисмори шахватӣ бетахйир ва шевозабон эҳтиёҷманд мебошанд[76].

48. Дар рафти гузаронидани тафтишот, кормандони полис метавонанд ба ҳаёти шахсӣ дахолат кунанд (масалан, ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавӣ, манзил ва муросилот) вақте, ки ин қатъиян ва қонунан зарур ва махсусан ҷиҳати расидан ба мақсади қонунӣ мебошад [77]. Полис бояд бо иттилоот ва ҳуҷҷатҳои бадастоварда бо нигоҳдории маҳфияти зарурӣ, ба таври муносиб рафтор намояд,[78] (ниг. низ ба § 98).

49. Воситаҳои нави технологӣ барои боз ҳам зиёдтар дахолат намудан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон (инчунин фиребу ғараз) имконият медиҳанд ва дорои иқтидори расонидани зарар на танҳо ба ҳаёти шахсӣ ва озодии изҳори ақида, балки боварии ҷамъиятӣ ба ҳокимият мебошанд[79]. Барои он, ки «баробарии одилона дар байни таъмини амнияти ҷамъиятӣ тавассути тадбирҳои ҳуқуқҳифзкунанда ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсият нигоҳ дошта шавад»[80], бояд чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ таҳия карда шаванд, ки гузаронидани тафтишоти махсуси маҳфиро танзим менамояд. Идоракунии иҷрои кори амалӣ дар мазмуни худ механизмҳои назоратбарии дохилӣ (назорат, дастурамалҳо, расмиёти

---

[76] Шӯрои Аврупо, Зӯроварӣ дар оила (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 15);
Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (2000) 11 дар бораи мубориза бо фурӯши одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ (2000), инчунин
Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (2001) 16 дар бораи ҳимояи кӯдакон ах истисмори шаҳвонӣ (2001).

[77] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 12;
Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 8;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §41 ва 42.

[78] Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 4;
Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Замимаи А. 15, инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 11 ва 22.

[79] Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (87) 15 дар бораи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар фаъолияти полис (1987), Дебоча, инчунин
Нейрод, «Хадамоти политсиягӣ ва одоб», (асари мазкур, эзоҳи 46), саҳ. 582.

[80] Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec(2005) 10 дар бораи «усулҳои махсуси тафтишот»-и ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла амалҳои террористӣ (2005), Дебоча.

иҷозатдиҳанда, буҷет, идораи иҷро, таҳлили натиҷаҳо), инчунин механизмҳои назорати беруна (назоратбарии судӣ, назоратбарии демократии парлумонӣ, назоратбарии муҳофизати иттилоот аз ҷониби шахсони мансабдор)-ро ташкил медиҳад[81] (ниг. низ ба § 84). Агарчанде намудҳои муайяни фаъолияти бо полис алоқаманд метавонанд шаффофиятро бо мақсади амнияти ҷамъиятию давлатӣ маҳдуд намоянд, вале ин чорабиниҳо набояд бидуни зери назоратбарии ҳокимияти дахлдори гражданӣ бошанд (ниг. низ ба § 98).

50. Назоратбарии серталаб аз ҷониби шахсони мансабдор, оид ба муҳофизати иттилоот инчунин зарур мебошад, ки «ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи иттилооти шахсӣ аз ҷониби полис, мувофиқ ба принсипҳои байналмилалии муҳофизати иттилоот иҷро шавад, хусусан, дар ҳудудҳои зарурӣ, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои қонунӣ, расмӣ ва мушаххас маҳдуд шаванд»[82]. Аҳамияти махсус бояд ба қоидаҳои мубодилаи иттилоот байни полис ва дигар унсурҳои низоми адолати судии ҷиноятӣ, инчунин мубодилаи иттилоот дар сатҳи байналмилалӣ дода шавад[83].

51. Мақомоти назораткунанда инчунин бояд тадбирҳоро оид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи «мавҷудияти парвандаҳое, ки мавзӯи хабардиҳӣ мебошанд, инчунин дар бораи ҳуқуқҳои онҳо нисбат ин парвандаҳо» андешад. «Субъектҳои иттилоот бояд дорои

---

[81] Шӯрои Аврупо, Истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар фаъолияти полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 82), принсипҳои 1-8; инчунин
Шӯрои Аврупо, «Усулҳои махсуси тафтишот»-и ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла амалҳои террористӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 83), м. 1-3.

[82] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 42;
Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар фаъолияти полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 82), принсипҳои 1-5, инчунин 7-8.

[83] Ниг. Интерпол, Қатъномаи № AG-2003-RES-04, Қоидаҳо оид ба коркарди иттилоот бо мақсади ҳамкории байналмилалии политсиягӣ (2003);
Интерпол, Қатъномаи № AG-2005-RES-15, Тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳо оид ба коркарди иттилоот бо мақсади ҳамкории байналмилалии политсиягӣ (2005);
Интерпол, Қоидаҳо оид ба коркарди иттилоот бо мақсади ҳамкории байналмилалии политсиягӣ (2005); инчунин
Шӯрои Аврупо, «Усулҳои махсуси тафтишот»-ти ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла амалҳои террористӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 83), м. 15.

имконияте бошанд, кай ки ин ҷоиз аст, ба маълумотҳои додаи худ, ки дар парванда мебошанд, тағйирот ворид намоянд».[84]

### *Дастгирии ҷабрдидагон ва шоҳидон*

52. Полис бояд дастгирии заруриро барои ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо бе таъбиз, бо шавқат ва эҳтироми шаъну шарафи онҳоро таъмин намояд. Полис бояд саломатии онҳо ва амниятро дар шакли босамар ва дилпурӣ таъмин намояд[85]. Кормандони полис мебоист ҷабрдидагонро дар бораи имкониятҳои гирифтани кӯмак, машварати амалӣ ва ҳуқуқӣ, товони зарар аз ҳисоби ҳуқуқвайронкун, инчунин ҷуброни давлатӣ хабардорӣ намоянд. Ҷабрдида бояд имконияти гирифтани иитилоот дар бораи қарорҳои нисбат ба парвандаи ӯ қабул шуда, инчунин натиҷаи тафтишоти полис дошта бошад. Дар ҳама гуна ҳисобот ба мақомоти айбдоркунии давлатӣ полис бояд ҳар чи бештар возеҳ ва пурра дар бораи осеб ва зарари ба ҷабрдида расонидашуда хабар расонад[86].

53. Барои ҳимояи шоҳидон аз тарсонидан ва қасосгирӣ, бояд тадбирҳои дахлдори ҳуқуқӣ андешида шаванд ва барномаҳои махсус оид ба ҳимояи шоҳидон ташкил карда шаванд. «Вазифаҳои асосии ин барномаҳо муҳофизати ҳаёт ва бехатарии шахсии шоҳидон, хешовандони онҳо, инчунин дигар шахсони ба онҳо наздик мебошад. Барномаҳои ҳифзи шоҳидон бояд усулҳои гуногуни ҳимояро имкон диҳанд, аз ҷумла тағйир додани маълумотҳои гуногун дар бораи шоҳидон, хешовандони онҳо, инчунин шахсони ба онҳо наздик, тағйири ҷойи зист, мусоидат дар дарёфт намудани ҷойи кор, таъминот

---

84 Шӯрои Аврупо, Истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар фаъолияти полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 82), принсипҳои 6.1 ва 6.1.

85 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи принсипҳои асосии адолати судӣ барои қурбониҳои ҷиноятҳо ва сӯистемоли ҳокимият (1985), м. А.4 ва А. 6(е);
Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (85) 11 дар бораи вазъи ҷабрдида дар сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва истеҳсолоти судии ҷиноятӣ (1985), м. 1-4;
Авфи байналмилалӣ, 10 стандартҳои асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 2;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), § 52; Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Кӯмак ба ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо (ҳуч. мазкур, эзоҳи 7), м. 2 ва 3.

86 Шӯрои Аврупо, Тавсия дар бораи вазъи ҷабрдида дар сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва истеҳсолоти судии ҷиноятӣ (1985), м. 1-4, Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Кӯмак ба ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо (ҳуч. мазкур, эзоҳи 7).

бо муҳофизатгарони шахсӣ ва дигар намуди ҳимояи ҷисмонӣ»[87]. Ба ғайр аз ин, тарсонидани шоҳидон бояд «ҷазошаванда ё ҳамчун ҷинояти алоҳида, ё ҳамчун қисми таркиби ҷиноят оид ба истифодаи таҳдидҳои ғайриқонунӣ» бошад[88].

54. Кормандони полис бояд «дорои омодагии дахлдор барои он дошта бошанд, ки бо парвандаҳое кор кунанд, ки оид ба онҳо хавфи таҳдидҳо нисбати шоҳидон ҷой дорад»[89].

### *Ҳабс ва дар ҳабс нигоҳ доштан*

55. Дар ҳолатҳои вайроншавии қонун, полис вазифадор аст ба адолати судӣ ҷонибдориро дар кашидани ҳуқуқвайронкунандагон ба ҷавобгарии судӣ амалӣ намояд. Мавриди иҷрои ин вазифа, полис бояд ҳуқуқҳои асосгузорандаи инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрвандиро эҳтиром намояд, инчунин муносибати муносибро бо шахсоне, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешаванд, таъмин намоянд[90]. Маҳрум намудани шахсон аз озодии онҳо бояд то ҷӣ дараҷае имконпазир аст, маҳдуд бошад ва бо дарназардошти шаъну эътибор, нозукмизоҷӣ ва эҳтиёҷоти шахсии ҳар як дастгиршуда амалӣ карда шавад[91].

56. Ба полис зарур аст, ҷӣ тавр ин имконпазир аст ва мувофиқ ба қонунгузории миллӣ, бе тахйир шахсони аз озодӣ маҳрум шударо, бо забони ба онҳо фаҳмо дар бораи сабабҳои маҳрумии онҳо аз озодӣ ва дар бораи ҳар гуна айби ба онҳо эълон мешударо хабардор

---

[87] Шӯрои Аврупо, Тавсияи № R (97) 13 дар бобати таҳдид нисбат ба шоҳид ва ҳуқуқ ба ҳимоя (1997), м. 14-15 ва м. 51; инчунин
Шӯрои Аврупо, Тавсияи Rec(2005) 9 дар бораи ҳимояи шоҳидон ва шахсоне, ки бо адолати судӣ ҳамкорӣ менамоянд (2005), м. 1,2 ва 8-28.

[88] Шӯрои Аврупо, Ҳимояи шоҳидон ва шахсоне, ки бо адолати судӣ ҳамкорӣ менамоянд (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 90), м. 3.

[89] Шӯрои Аврупо, Таҳдид нисбат ба шоҳид ва ҳуқуқ ба ҳимоя (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 90), м. 7; ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 51; инчунин
Шӯрои Аврупо, Ҳимояи шоҳидон ва шахсоне, ки бо адолати судӣ ҳамкорӣ менамоянд (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 90), м. 7.

[90] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 3, 5, 7 ва 9;
Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарт 8; инчунин
Брюс/ Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 40;

[91] САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 23; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 50 ва 54.

намояд. Полис бояд инчунин бе тахйир ва пешакӣ пеш аз пурсиш чунин шахсонро дар бораи ҳуқуқ ва расмиёте, ки дар парвандаи онҳо татбиқ мегардад, хабардор намояд[92]. Шахсоне, ки аз тарафи полис аз озодӣ маҳрум мегарданд, бояд дорои ҳуқуқи хабар додан дар ин хусус ба шахси сеюм аз рӯи интихоби худ, ба ёрии ҳуқуқӣ дастрасӣ дошта бошанд, инчунин муоинаи тиббиро гузаранд, мавриди имконияти мавҷуда аз тарафи духтуре, ки онҳо интихоб менамоянд[93]. Водидайн ё парасторони шахси ноболиғ, ки дар ҳабс мебошад, бояд дар ин хусус хабардор бошанд[94].

57. «Бояд қоидаҳои мушаххас ё дастурамалҳо дар бораи гузаронидани пурсиш аз ҷониби полис муқаррар гашта бошанд. Онҳо бояд дахл дошта бошанд, аз ҷумла, ба масъалаҳои зерин: иттилоотонии дастгиршуда дар бораи шахсоне (ному насаб ё рақам), ки дар пурсиш иштирок доранд; давомнокии имконпазири пурсиш; давраҳо барои истироҳат дар байни пурсишҳо, инчунин танаффус дар байни пурсиш; ҷойҳо, ки мумкин аст пурсишҳоро гузаронида шаванд; ҳуқуқи талаб намудан аз шахси пурсишшаванда, ки дар вақти пурсиш рост истад; пурсиши шахсоне, ки зери таъсири воситаҳои нашъадор, алкогол ва воситаҳои дигар мебошанд. Инчунин бояд сабтҳои доимӣ амалӣ ва нигоҳ дошта шаванд, ки дорои иттилоот дар бораи оғози вақт ва охири пурсишҳо, инчунин дар бораи иштироккунандагон мавриди гузаронидани ҳар як пурсиш бошанд»[95].

58. Дастгиршудагон набояд маҷбур карда шаванд, ки худро ҳифз намоянд, ба ягон гуна саволҳо ҷавоб диҳанд ё худ ва хешовандони наздикро бӯҳтон намоянд ва ё гуноҳро эътироф намоянд. Гирифтани нишондодҳои иқроршаванда ё ягон гуна арзҳо тавассути татбиқ кардани қувва, шиканҷа (ниг. низ ба § 77) ё таҳдиди

---

92 САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 23 ii, iii;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 55.
Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), §§ 36-38, саҳ. 6; инчунин
Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандартҳои 6 ва 7.

93 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 57, Ниг. низ ба § 10;
Кумитаи Маҷористонии Хелсилнки, Тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 12.

94 КБСС, Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ дар консепсияҳои касбии хизмати политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 74), саҳ. 23.

95 Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), саҳ. 7, §39.

татбиқи чунин воситаҳо ва ё тавассути истифодаи воситаҳои нашъадор, бояд манъ ва ҷазошаванда бошад[96]. Мувофиқи талаботи Кумитаи Аврупоӣ оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ё ҷазои бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, таҷрибаи бастани чашми шахсоне, ки дар ҳабси полис мебошанд, махсусан мавриди пурсиш, бояд қатъиян манъ карда шавад»[97].

59. «Пурсиши гумонбаршудагон дар кирдорҳои ҷиноӣ вазифа барои мутахассис мебошад ва гузаронидани қаноатбахши он омодагии махсусро талаб мекунад»[98].

60. Нисбат ба ҳар як шахси дар зери ҳабс буда бояд феҳристи низомноки сабтҳои баҳисобгиранда барасмият даровАрда шавад[99], бояд дорои сабаб, сана, вақти дар ҳабс гузоштан ва озод кардан, иттилооти дақиқ дар бораи ҷойи нигоҳдорӣ, шахсияти кормандони ҷалбшуда, барӯихатгирии амволи шахсӣ ва таъминот бо хурока дошта бошад[100]. Сабтҳои баҳисобгирӣ дар бораи нигоҳдорӣ дар ҳабс бояд ба дастгиршудагон ва ё намояндагони қонунии онҳо манзур карда шаванд[101]. Дастгиршудагон бояд зери мониторинги бодиққат бошанд, алалхусус агар онҳо расмиёти қабул ва муоинаи тиббиро гузашта бошанд[102].

61. Полис бояд бехатарӣ, саломатӣ, гигиена ва хӯроки муносиби шахсонеро, ки дар ҳабс мебошанд, таъмин намояд. Тавқифгоҳҳои полис бояд масофаи меъёри кофӣ дошта, равшанкунии

---

96 Ниг. OMIK, Ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 75), саҳ. 13; инчунин Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 8.

97 Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), саҳ. 11, §38.

98 Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), саҳ. 10, §34.

99 Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандартҳои 6 ва 8; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 54.

100 Созмони Милали Муттаҳид, Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки мавриди дастгиркунӣ ё ҳабс дар кадом шакле, ки набошад, қарор доранд (1988), м. 12; инчунин
CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 71-3 ва 72-5.

101 Созмони Милали Муттаҳид, Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки мавриди дастгиркунӣ ё ҳабс дар кадом шакле, ки набошад, қарор доранд (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 103), м. 12(1).

102 CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 71-1.

зарурӣ ва вентилятсия ва бо воситаҳои мувофиқ барои истироҳат таҷхизонида шуда бошанд[103].

62. Полис бояд, чӣ тавре ин имконпазир аст, шахсонеро, ки дар ҳабс аз рӯи гумонбарӣ дар содир намудани ҷиноятҳо нигоҳдошта шуда мебошанд, аз шахсони бо сабабҳои дигар аз озодӣ маҳрум шуда ҷудогона нигоҳдорӣ намоянд. Аз рӯи қоидаи умумӣ, мардҳо ва занон, инчунин калонсолон ва ноболиғон дар алоҳидагӣ нигоҳ дошта мешаванд, агар онҳо фақат аъзои як оила набошанд[104].

63. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муносибат бо дастгиршудагон ё шахсони дар ҳабс нигоҳ дошта мешуда, набояд қувваро истифода намоянд, ба истиснои он ҳолатҳое, ки ин ниҳоят зарур мебошад барои нигоҳдории бехатарӣ ва тартибот дар муассисаи мазкур ва ё вақте, ки ин амнияти шахсии онҳо зери хатар гузошта мешавад[105] (дар бораи татбиқи қувва ниг. дар поён §§ 67-74).

64. Шахсони дастгиршуда ҳуқуқ доранд бетахйир ба назди судя ё шахси мансабдори дигар, ки бо қонун дорои ваколати қабул намудани қарор дар бораи қонунӣ будани ин шахсон дар ҳабс қабул намоянд, оварда шаванд[106].

---

103 Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 6;

Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), A, § 14;

Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 7; инчунин

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби политсиягӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5) § 56.

104 Ниг.: Созмони Милали Муттаҳид, Қоидаҳои ҳадди аққали муомила бо маҳбусон (1955), м. 8(a) ва (d);

Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 37(c); Созмони Милали Муттаҳид Қоидаҳое, ки ба ҳимояи ноболиғони аз озодӣ маҳрум шуда дахл доранд (1990), м. 29;

Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 54; инчунин

Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 8.

105 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 15.

106 Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 64), м. 5;

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), м. 5.15; инчунин

CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 72-7.

*Нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи озодиҳои демократӣ*

65. Фаъолияти полис дар давлати демократӣ ба худ ҳимояи амалӣ намудани амалҳои демократиро дохил менамояд. Барои ҳамин полис бояд ҳуқуқҳо, озодии сухан, озодии изҳори андеша, иттиҳодияҳо, мусофират, озодӣ аз ҳабси худсарона, дастгиркунӣ ва бадарға, инчунин беғаразӣ дар татбиқи қонун эҳтиром ва ҳифз намояд[107]. «Дар мавридҳои маҷлисҳои осоишта, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз татбиқи қувва худдорӣ намоянд, ё, агар ин имконнопазир бошад, онро ба дараҷаи ҳадди ақкал татбиқ намоянд»[108] (ниг. низ ба §§ 9 ва 67-74).

66. Мавриди пароканда намудани маҷлисҳои хислати зӯроварӣ надошта, силоҳи оташфишон бояд танҳо дар ҳолатҳое истифода шавад, агар воситаҳои хатарнокиашон камтар босамар нагардиданд, инчунин агар хатари бевоситаи марг ё расонидани захмҳои ҷиддӣ ба миён омада бошад. «Оташкушоии саргум аз болои тӯдаи одамон ягон вақт наметавонад усули қонунӣ ё қобили қабул будаи парокандакунии он бошад»[109] (ниг. низ ба §§ 67-74).

---

107 Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 7, 9, 19 ва 20;

Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 64), м. 10 ва 11; Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 4.2; Ниг. Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 43; инчунин Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (асари мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 15.

108 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 13;

Ниг. низ ба Авфи байналмилалӣ, 10 стандарти асосии ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 10), стандарти 4; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 37.

109 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 14; Ниг. низ ба

КБСС, Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ дар консепсияҳои касбии хадамоти полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 74), саҳ. 16.

## *Татбиқи қувва*

67. Афзалияти волои полис эҳтиром ва ҳифзи ҳаёт мебошад[110]. Ин принсип мавриди татбиқи қувва аз тарафи полис аҳамияти махсус дорад.

68. Дар як вақт, ки татбиқи қувва аксар вақт барои иҷрои дахлдори вазифаҳои полис зарур мебошад – мавриди пешгирисозии ҷиноятҳо ё ҳангоми мусоидат ё амалӣ намудани ҳабси қонунии ҳуқуқвайронкунон ё гумонбаршудагон[111] - кормандони полис бояд чунин принсипро риоя намоянд, ки татбиқи қувва чораи истисноӣ, қатъӣ мебошад, ки набояд худ ба худ истифода шавад, балки ба хатар мутаносиб бошад[112], ба ҳадди аққал имконияти расонидани зарар ва захмҳо оварад, инчунин ба дараҷае татбиқ гардад, ки барои иҷрои вазифаҳои қонунӣ зарур бошад[113].

69. Ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ манъ карда мешавад, ки яроқи оташфишон ё қувваи марговарро бар зидди одамон истифода намоянд, ба истиснои ҳолатҳои зерин: бо мақсади «худмуҳофизаткунӣ ё муҳофизати шахсони дигар аз хатари ногузири марг ё захми ҷиддӣ; бо мақсади пешгирисозии содиршавии ҷинояти махсусан вазнин, ки аз натиҷаи худ хатари ҷиддӣ ба ҳаёти инсонӣ дорад; бо мақсади ҳабси шахсе, ки дорои чунин хатар мебошад ва муқовиматро нисбат ба ҳокимият нишон медиҳад, ё бо мақсади

---

110 Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 3;
Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 64), м. 10; Созмони Милали Муттаҳид, Дастури комиссар оид ба хизмати демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), принсип 3; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 35.

111 Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 3(а).

112 Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ
(ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 3; инчунин
Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 64), м. 2.

113 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 5(а) ва (b);
САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 21.1; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 37;

пешгирии фирори ӯ ва танҳо дар он ҳолатҳое, ки воситаҳои камтар қатъӣ барои расидан ба ин мақсадҳо нокифоя бошанд. Дар ҳар сурат, қасдан татбиқ намудани силоҳи оташфишон бо натиҷаи марговар метавонад танҳо дар он ҳолате ҷой дошта бошад, агар ин мутлақо ҷиҳати муҳофизати ҳаёт зарур бошад»[114].

70. Агар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҷбур шаванд, ки силоҳи оташфишонро истифода намоянд, онҳо бояд «худро ба чунин сифат муаррифӣ намоянд, инчунин огоҳии баръало дар бораи омодагии ҳадафонаи татбиқи силоҳи оташфишон диҳанд, ҳамзамон вақти кофӣ барои андешаи аксуламал ба чунин огоҳӣ пешниҳод намоянд, ба истисноли он ҳолатҳое, ки ин амалҳо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зери хавф мегузоранд ё хатари марг ё расонидани захми ҷиддӣ ба шахсони дигар меоваранд, ё ноҷоиз ва бе маъно дар шароити қазияи мазкур мебошанд»[115].

71. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд расонидани ёрии тиббӣ ва дигарро барои ҳамаи шахсони ҷабрдида ҳар чӣ зудтар таъмин намоянд[116], инчунин таъмин намоянд, ки хешовандон ё шиносҳои наздики шахсони захм гирифта ё зарардида дар ин бора дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин хабардор карда шаванд[117].

72. Кормандони полис бояд мавриди таълимоти стандартҳои татбиқи қувва, «имкониятҳои дигари татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон, аз ҷумла танзими сулҳовари низоъ, дарку фаҳмиши рафтори издиҳом, инчунин усулҳои дилпурӣ ва боварӣ ҳосил кунонидани мардум, пешбурди гуфтушуниду музокирот ва миёнаравӣ, инчунин истифодаи воситаҳои техникӣ бо мақсади маҳдуд намудани татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон» қарор

---

114 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 9.

115 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 10.

116 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 5(c).

117 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 5(d).

гиранд[118]. Таълимоти амалӣ бояд ҳаддми аксар ба воқеъият наздик кунонида шавад. Танҳо он кормандоне, ки сатҳи дониши онҳо ва маҳорати татбиқи қувва мавриди санҷиш қарор гирифтанд, ки мавҷудияти малакаи зарури психологӣ намоиш доданд, метавонанд иҷозатро барои нигоҳ доштани силоҳ иҷозат гиранд[119].

73. Дар бораи ҳар як ҳолати татбиқи силоҳи оташфишон бояд ҳисобот ба мақомоти босалоҳият тартиб ва пешниҳод карда шавад[120] (ниг. низ ба §§ 89).

74. Татбиқи номутаносиби қувва бояд ҳамчун кирдори ҷиноятии ҷазошаванда эътироф гардад[121]. Ҳамин тавр, ҳолатҳои татбиқи қувва бояд мавриди тафтишот қарор гиранд, бо мақсади муайян намудани мувофиқати онҳо ба дастурамалҳои қатъӣ (ниг. низ ба §§ 89).

### *Шиканҷа, бедаракшавии зӯроварона ва дигар муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф*

75. Шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф наметавонанд татбиқ гарданд ё ба онҳо роҳ дода шавад ҳатто дар ҳолати «вазъияти мустасно ё фавқулодда»[122] монанди ҳолати ҷанг, ё мавҷудияти дигари амнияти миллӣ. Барои ҳамин дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ё терроризм наметавон

118 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 19 ва 20.

119 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 19; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §29.

120 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 6; инчунин
Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 3(с).

121 Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 27.

122 Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (1984), м. 2.2.

татбиқ гардад ё роҳ дода шавад ба гирифтани далелҳо аз дастгиршудагон тавассути шиканҷа[123].

76. «Шиканҷа маънои ҳар гуна амале, ки бо он ба ягон шахс дарди сахт ё азобу уқубат, ҷисмонӣ ё маънавӣ расонида мешавад, то ки аз ӯ ё аз шахси сеюм маълумотҳо ё иқроршавӣ гирифта шавад, ҷазо додан барои амале, ки ин шахс содир намудааст ё шахси сеюм, ё дар содир намудани он гумонбар дониста мешавад, инчунин тарсонидан ё маҷбур сохтани ӯ ё шахси сеюм, ё бо ҳар гуна сабабе, ки дар таъбизи дорои ҳар гуна хислат асос ёфтааст, вақте, ки чунин дард ё азоб аз тарафи шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигари расмӣ расонида мешавад, ё бо таҳриккорӣ ё розигии хомӯшона дорад[124] (ниг. низ ба § 58).

77. Мувофиқи Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф, давлатҳо ӯҳдадор мебошанд таъмин намоянд, ки ҳама гуна ҳолати шиканҷа ҳамчун кирдор тибқи қонунгузории ҷиноятии онҳо эътироф гарданд[125] (ниг. низ ба §§ 45 ва 58).

---

123 Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 5;

Шӯрои Аврупо, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 64), м. 3;

Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 7;

Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 125), сархати дебоча; Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2 ва 5;

САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), м. 16.1 ва 16.3; инчунин

Шӯрои Аврупо, Ҳуқуқи инсон ва мубориза бо терроризм – Принсипҳои роҳбарикунандаи Шӯрои Аврупо (Страсбург, 2005).

124 Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 125), м. 1.1; Ниг. низ ба Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 26.

125 Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 125), м. 4(1).

78. Ба ғайр аз ин, қатлҳои ғайриқонунӣ, ихтиёрона ва маҷмӯӣ ва бедаракшавии зӯроварона қатъиян манъ мебошанд[126].

79. Нисбат ба ҳама гуна вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон бояд хабар дода шавад ва тафтишоти мустақил гузаронида шавад (ниг. низ ба §§ 83-94).

# IV. Ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият дар фаъолияти полис

## *IV.1 Ҳисоботдиҳӣ ва назоратбарӣ*

80. Дар як вақт, ки шаҳрвандон ихтиёрона ба полис ризояти худро барои татбиқи монополияи қувва ҷиҳати нигоҳдории назоратбарии иҷтимоӣ ва нигоҳдории иҷтимоӣ ва амалисозии озодиҳои гражданӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ медиҳанд, дар давлати демократӣ ваколатҳои полис бояд мавриди санҷиш ва назоратбарӣ аз ҷониби ҷомеа тавассути ҷараёнҳои ҳисоботдиҳӣ қарор гирифта мешаванд[127] (ниг. инчунин ба §§ 11, 107 ва 117).

81. Барои ҳамин бояд «тадбирҳои зарурӣ оид ба таъмини поккирдорӣ ва идоракунии муносиби кор аз ҷониби кормандони полис» таҳия карда шавад»[128] (ниг. инчунин § 116).

82. Соли 1990 дар Копенгаген давлатҳо-иштирокчиёни САҲА бо тантана эълон намуданд, ки полис бояд зери назоратбарии ҳокимияти шаҳрвандӣ қарор гирад ва ба он ҳисоботдиҳанда бошад[129] (ниг. низ ба § 113).

---

126 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои пешгирии босамар ва ва тафтишоти қатълҳои ғайриқонунӣ, худсарона ва маҷмӯӣ (1989); инчунин
Конвенсияи байналмилалӣ барои ҳимояи ҳамаи шахсон аз бедаракшавии зӯроварона (2006).

127 Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), параграфи дебоча, м. 8(а);
САҲА, Кодекси рафтор, ки ба паҳлӯҳои ҳарбию сиёсии амният дахлдор аст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 1), § 20;
Льюис, Шикоят аз болои полис (асари мазкур, эзоҳи 24), саҳ. 9;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 16 ва 59;
САҲА, Нақши хадамоти ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 5 ва 6; инчунин
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 15, саҳ. 22 ва ғайра.

128 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 20; Ниг. низ ба Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), B § 4.

129 САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Копенгаген (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 59), м. 5.6.

### *Институтҳои назорат*

83. Ҳисоботдиҳии полис маъное дорад, ки фаъолияти политсия – аз рафтори кормандони алоҳидаи полис то стратегияҳои амалиётҳои политсиягӣ, расмиёти таъинкунӣ, ё идоракунии буҷет – кушода барои мушоҳида аз ҷониби институтҳои гуногуни назорат мебошад.

84. Институтҳои назорат метавонанд ҳокимияти иҷроия (назоратбарӣ аз болои амалӣ намудани сиёсат, назорати молиявӣ ва назорати уфуқӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ), қонунгузор (аъзоёни парламент, комиссияҳои парламентӣ оид ба тафтишот) ва судӣ[130], инчунин комиссияҳо оид ба ҳуқуқ инсон, шӯроҳо оид ба баррасии шикоятҳои шаҳрвандон ва ваколатдорони мустақил (омбудсменҳо)-ро дарбар гиранд. Ба ғайр аз ин, воситаҳои ахбори омма метавонанд дар пешниҳоди иттилоот ба аҳли ҷомеа дар бораи фаъолияти полис нақши муҳимро дошта бошанд. Ниҳоят, хусусияти хоси хадамоти демократии полис тобеъияти онҳо ва қабули тартиби назоратбарии беруна ва санҷиш, инчунин дараҷаи кушода будани онҳо ба чунин санҷишҳо мебошад[131] (ниг. низ ба § 49).

85. Аксарияти институтҳои назорати шаҳрвандӣ бо шикоятҳои аҳолӣ ба полис сару кор доранд. Аммо, дараҷаи ҷалбшавии онҳо ба ҷараёни шикоятоварӣ метавонад ба таври муҳим фарқ кунад. Дар он вақте, ки баъзе ташкилотҳои назоратӣ ваколатдор мебошанд шикоятҳоро баррасӣ ва тафтиш намоянд, баъзан танҳо дар ҳолатҳои ҷиддии рафтори ғайриҳуқуқӣ ва ё агар тафтишоти дохилӣ ба таври аён босамар намебошад, дигарон бо назоратбарӣ ва санҷиши ҳолати тафтишот, ки аз ҷониби худи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида мешавад, маҳдуд мегарданд. Ҳамин тавр, дар ҳолате, ки баъзе мақомоти назоратӣ наметавонанд ба таъиншавии ҷазо барои рафтори ғайриқонунӣ таъсир расонанд, дигарон метавонанд нисбат ба

---

130 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 60 ва 62.

131 Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (асари мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 14 ва ғайра;
Джоэль Миллер, Назорати шаҳрвандӣ аз болои полис. Сабақҳо аз адабиёт (Донишкада адлияи Верск, Ню-Йорк, 2002), саҳ. 3 ва ғайра;
Эмма Филлипс ва Дженифер Трон, Барқарор намудани боварӣ ба полис тавассути назорати шаҳрвандӣ (Донишкадаи адлияи Верск, Ню-Йорк, 2002), саҳ. 7; инчунин Брюс/ Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 22.

андешидани тадбирҳои интизомӣ тавсияҳо диҳанд ё то ҳатто дорои ваколати таъин намудани ҷазо мебошанд[132]

86. Бе механизмҳои назорати беруна роҳбарияти полис дорои озодии саркашӣ намудан аз гузаронидани тафтишот ё ҷазодиҳӣ оид ба рафтори ғайриқонунӣ мебошад, ки метавонад ба назоратбарии дохилии бесамар оварда расонад. Механизмҳои назоратбарии беруна метавонанд инчунин беғаразии бештарро зоҳир намоянд (ҳадди аққал дар назди аҳли ҷомеа), мавриди тафтишоти шикоятҳои ҷиддӣ нисбат ба кормандони полис. Ба ғайр аз ин, онҳо метавонанд бештар дорои имкониятҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии кормандони полис дадедҳоро бар зидди кормандони дигар, алалхусус ҳайати роҳбарикунанда пешниҳод намоянд.

87. Бинобар ин, механизмҳои назорати беруна бояд бо назоратбарӣ ва назорати дохилӣ пурра карда шаванд, азбаски дар як қатор ҳолатҳо механизмҳои тафтишоти дохилӣ метавонанд афзалияти сохторӣ дошта бошанд, монанди ҳаҷми зиёдтари захираҳо, зиёдтар будани маълумоти дастрас (бойгониҳои политсиягӣ, нишондодҳои шоҳидон, гузоришҳои кормандони полис), инчунин дониши беҳтари муҳити политсиягӣ. Ба ғайр аз ин, чунин афзалиятҳои сохторӣ метавонанд боварии зиёдтарро дар шуури кормандони айбдоршаванда дар он, ки тафтишот одилона баррасӣ мегардад, ки ин омодагии онҳоро дар ҳамкорӣ бо муфаттишон пурзӯр менамояд. Дар ҳар сурат, мақомоти полис бояд ҳамаи шикоятҳоро дар бораи рафтори ғайриқонунӣ, баҳри таъмини поккирдорӣ дар фаъолияти худ ва ҳайати шахсӣ тафтиш намояд. Вайронкуниҳои камаҳамиятнокро роҳбарони бевосита метавонанд тафтиш намоянд. Дар як вақт вайронкуниҳои ҷиддитар бояд аз тарафи мақомоти полис, ки дар итоати бевосита намебошад, тафтиш карда шаванд, монанди шӯъбаҳои тафтишоти дохилӣ ё махсусан таъсисшавандаи кумитаҳои интизомӣ, ки аз ҳисоби кормандони унвонаш калонтар иборат мебошанд[133]. Ё ин ки, мақомоти шаҳрвандии назорати беруна,

---

[132] Льюис, Шикоят аз болои полис (асари мазкур, эзоҳи 24), саҳ. 60-64;
Миллер, Назорати шаҳрвандӣ аз болои полис. Сабақҳо аз адабиёт (асари мазкур, эзоҳи 133), саҳ. 4; Филлипс/ Трон, Барқарор намудани боварӣ ба полис тавассути назорати шаҳрвандӣ (асари мазкур, эзоҳи 134), саҳ. 7; инчунин
Чарльз Колл, Т. Талабот дар ислоҳоти полис: пешравии самаранокӣ ва ҳисоботдиҳӣ. Ҳисоботи стратегӣ (Академияи байналмилалии сулҳ, Ню-Йорк, 2003), саҳ. 9.
[133] Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 52.

махсусан вақте, ки кор ба тафтишот нисбати шахсони мансабдори воломақом алоқаманд аст. Иттилоот дар бораи расмиёти баъди бақайдгирии шикоятҳо татбиқ мегардад, бояд ба аҳли ҷомеа дастрас бошад, ки додани шикоятҳои асоснокро ҳавасманд намояд. То ҳатто шикоятҳои беном бояд мавриди санҷиш қарор гиранд ва ба мураккабии тафтишоти онҳо нигоҳ накарда, мақомоти ваколатдоршуда бояд ҳар як шикоятро бодиққат баррасӣ намояд, қабл аз он, ки қарорро қабул намояд ё далелҳоро ба эътибор нагирад[134].

Тафтишот ва расмиёти интизомӣ бояд дақиқназарона балансро байни ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳуқуқҳои кормандони полис нигоҳ дошта бошад[135].

88. Дар ҳар сурат, ягон гуна шакли назорати шаҳрвандӣ ва шаффофияти натичаҳои тафтишот тарзи муҳими баланд бардоштани боварии ҷамъиятӣ ба полис, инчунин эътибор пайдо кардани он дар ҷомеа мебошад. Боварии ҷамъиятӣ ба полис, метавонад ба осонӣ дар натиҷаи амалҳои ғайриҳуқуқии полис заиф гардад, махсусан вақте ки тафтишоти минбаъда ва тадбирҳои маъмурӣ саривақтӣ, кофӣ ва бамаврид намебошанд.

89. Ҳукумат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд расмиёти босамари қабул ва баррасии гузоришҳо, ки ҳатман дар ҳар сурати ҷой доштани расондан ба марг ё овардани захм дар натиҷаи татбиқи қувва ё истифодаи силоҳи оташфишон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ татбиқ мегарданд, муқаррар намоянд[136] (ниг. низ ба §§ 73 ва 74).

90. Агар кормандони полис дар бораи рафтори ғайриҳуқуқии кормандони полис ба роҳбарияти болоӣ гузориш намоянд, чӣ тавре инро Кодекси рафтори СММ талаб мекунад ва мушоҳида менамоянд, ки чунин гузоришҳо мавриди тафтиш қарор намегиранд, онҳо метавонанд дар бораи ҳолатҳои рафтори

134 Миллер, Назорати шаҳрвандӣ аз борои полис (асари мазкур, эзоҳи 133), саҳ. 3; инчунин CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 52-1 ва 52-2.

135 Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), А, § 6; инчунин Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 24.

136 Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 29), м. 6 ва 22.

ғайриҳуқуқӣ берун аз ҳудуди мартабаи роҳбарияти худ хабар диҳанд[137] (ниг. низ ба § 13).

91. Маълумотҳои дар шикоятҳо мавҷуд буда, бояд аз ҷониби полис дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои дигари экспертҳо ҷиҳати ошкор намудани сабабҳои асосии рафтори ғайриҳуқуқӣ ва бартараф намудани мақсадноки ин сабабҳо ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Чунин муносибат имкон медиҳад кормандонеро ошкор карда шаванд, ки аз болои онҳо бисёркарата шикоятҳо ворид мегарданд, инчунин чунин тарзҳоро монанди машварат, таълимдиҳӣ ва гузаронидан ба кори дигар татбиқ карда шаванд. Ба ғайр аз ин, маълумотҳои дар шикоятҳо оварда шуда метавонанд барои ошкор намудани дастурамалҳои политсиягӣ, тактика ва тамоюл дар рафтор истифода гарданд, ки ба талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат намекунанд, эҳтимолан сабаби миқдори зиёди шикоятҳо гардад ва чун натиҷа, бояд мавриди таҷдид ва/ё тағйир қарор дода шаванд[138].

92. Ба ғайр аз ҳалли масъалаҳои рафтори ғайриҳуқуқии полис, таъсиси хадамоти инспексияи полис воситаи муҳими арзёбии сифати умумии фаъолияти полис, таъмини расидан ба ҳадафҳои мақомоти мазкури полис, ошкор намудани эҳтиёҷот дар захираҳои иловагӣ ва тағйирот дар сиёсати дохилӣ, инчунин ҷонибдории назоратбарӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти политсиягӣ мебошад[139].

93. Барои иҷрои вазифаҳои худ. Мақомоти назоратбарии беруна ва дохилӣ бояд дорои захираҳои кофӣ, ваколатҳо бошанд ва аз мақомоти иҷроия мустақил бошанд[140]. Ба ғайр аз ин, институтҳои назорат дар дастгирии сиёсӣ аз ҷониби ҳукуматҳо, парламент ва

---

[137] Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), A § 6; инчунин Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 8(a) ва (d).

[138] Ниг. Филлипс/ Трон, Барқарор намудани боварӣ ба полис тавассути назорати шаҳрвандӣ (асари мазкур, эзоҳи 134), м. 6;
Миллер, Назорати шаҳрвандӣ аз борои полис (асари мазкур, эзоҳи 133), м. 5;
Брюс/ Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 38 ва ғайра; инчунин
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 16, саҳ. 25.

[139] Ниг. CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 53-1.

[140] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §61.

роҳбарияти полис эҳтиёҷманд мебошанд. Фишори ҷамъиятӣ ва иштироки воситаҳои ахбори омма метавонанд дар кори онҳо аҳамияти назаррасро доранд.

94. Чун илова, мақомоти назорати гражданӣ на танҳо дар дастгирии сиёсӣ ва захираҳо эҳтиёҷманд мебошанд, балки дар ҳифзи қонун барои гузаронидани тафтишоти мустақил эҳтиёҷманд мебошанд. Ин гуна ҳимоя бо принсипҳои СММ дар бораи вазъ ва амалкунии муассисаҳои миллӣ оид ба ҳимоя ва пешрафти ҳуқуқҳои инсон таъмин карда мешавад[141].

### *IV.2 Шарикии полис ва аҳли ҷомеа*

95. Хислати марказии хадамоти демократии полис консепсияи ризоияти ҷамъиятӣ бо фаъолияти полис мебошад. Азбаски полис наметавонад пиндорад, ки ҳама вақт бо ризоияти (ҳамаи) шаҳрвандон фаъолият менамояд, бояд доимо аз болои он кор кунад, ки аҳли ҷомеа фаъолияти ӯро дастгирӣ намоянд[142]. Шарти асосии дастгирии ҷамъиятӣ шаффофият дар фаъолияти полис ва рушди гуфтугӯ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни аҳли ҷомеа ва полис мебошад[143]. Бе сӯҳбати байниҳамдигарӣ бо аҳли ҷамоатчигӣ, полис хизматҳои худро таҳмил мекунад, на ин, ки бо диққатона нисбат ба эҳтиёҷоти ҷомеа хизмат намояд[144]. Тадбирҳо оид ба таъмини шаффофият ва гуфтугӯ масъалаҳои байни аҳолӣ паҳн кардани ҳисоботҳо дар бораи ҷинояткорӣ ва фаъолияти полис, муқаррар намудани механизмҳо, ки ба аҳли ҷомеа имконият медиҳад аз хизматҳои полис истифода намоянд, таъсиси форумҳо барои баррасии кушодаи масъалаҳои ҷинояткорӣ ва амният, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои кори полис, ки дар ҳамкорӣ бо ҷомеа асос ёфтанд ташкил медиҳанд.

---

141 Созмони Милали Муттаҳид, Муассисаҳои миллӣ, ки бо пешравӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғул мебошанд (Қар. А/Қар./48/134 аз 20 декабри соли 1993, замима.

142 Ниг. EPPHR, ТҒҲ ва полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 61), саҳ. 9.

143 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), §§ 18 ва 62.

144 Брюс/ Нейлд, Полисе, ки ба мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 27.

### *Механизмҳои мурочиат ба хизматрасонии полис*

96. Ҳамкорӣ бо ҷомеа дастрасии полисро ба аҳолӣ, вақте, ки ин зарур аст, дар назар дорад. Полис бояд дар сатҳи муайяни омодагӣ бошад, инчунин дорои захираҳои кофӣ барои тадбирҳои мутаносиб ба эҳтиёҷоти аҳли ҷомеа вобаста ба ҳодисаҳо, ҷиноятҳо ва дигар вазъияти фавкулодда гардад. Аз ҳама воситаи бештар дастрас барои таъмини ҳёт ва амвол телефонҳои марказҳои зудамал мебошанд, ки шаҳрвандон метавонанд ҷиҳати дархости содиротии кӯмак истифода намоянд. Чӣ тавр ин телефонҳо истифода карда мешаванд – танҳо дар ҳолатҳои зарурати қатъӣ ё инчунин оид ба сабабҳои нисбатан камаҳамият, мавриди зарурати дахолати бонуфуз – нишондиҳандаи сатҳи муносибат байни полис ва шаҳрвандон мебошад[145], инчунин нишондиҳандаи он, ки то чӣ андоза асосҳои демократӣ дар фаъолияти политсиягӣ дарк гардиданд[146] (ниг. низ ба §§ 6 ва 52).

### *Муносибати полис ва ВАО*

97. Тарзи бештар босамар ва ботаъсири мувофиқат ба талаботи шаффофият – ин иттилоотонии аҳолӣ тавассути васоити ахбори омма (ВАО) мебошад. Аммо, бояд сиёсат дар бораи он, кадом иттилоот бояд паҳн карда шавад: масалан, иттилооте, ки боварии ҷамъиятиро баланд мекунад ё барои дастгирии ҳиссиёти бехатарӣ мусоидат менамояд, ё ҳолатҳои умумӣ дар бораи вазифаҳои полис ва кори он. Набояд иттилооте, ки метавонад тафтишоти политсиягиро зери хавф гузорад, инчунин итттилооти махфӣ, ки нигоҳдории амнияти ҷамъиятӣ ё эҳтимолияти бегуноҳӣ дахл дорад, ба омма пахш карда шавад[147]. Ҳамкории тавоноӣ бо ВАО инчунин таҳияи

---

[145] Дэвид Байли Х., «Амалияи муосири хадамоти политсиягӣ: шарҳи муқоисавӣ» дар Ҷеймс Бурак ва дигарон, Полиси гражданӣ ва амалиётҳои бисёрченаи сулҳовар – Силсилаи семинарҳо. Нақш барои полиси демократӣ (Донишкадаи миллии адлия, Вашингтон, 1999), саҳ. 4; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 18.
[146] Льюис/Эдвард Маркс, «Шарҳ» (асари мазкур, эзоҳи 15), § 1.
[147] Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 4;
Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), А, § 15;
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 11, 17 ва 22;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 19;

дастурамалҳоро дар бораи алоқаҳо бо ВАО, ваколатҳои мушаххаси котибони матбуотӣ, инчунин таълимоти махсуси кормандони полисро талаб менамояд[148] (ниг. низ ба §§ 48, 49 ва 103).

### *Интишори ҷамъиятии ҳисоботҳо*

98. Ҳисоботи ахбороти ҷамъиятӣ ба худ омор оид ба ҷиноятҳо, маълумот дар бораи кушодашави ҷиноятҳо, дарки ҷамъиятии амният, ҳисоботҳо дар бораи риояи ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби полис, ошкор шудани коррупсия дар полис, инчунин дигар ҳисоботҳои назорати ҷамъиятиро фаро мегирад. Ин ҳисоботҳо фаъолияти полис, вазъияти амният ва дарки ҷамъиятии сатҳи амниятро шарҳ медиҳанд. Онҳо арзёбии ҷамъиятии фаъолияти полисро, бо муайян кардани дараҷаи мувофиқати натиҷаҳо ва амалҳои полис ба қонунгузорӣ ва дастурамалҳои хаттӣ, ичунин дараҷаи дурустии хароҷотро ба ин фаъолият имконпазир мекунанд [149].

### *Ташкили форумҳо ҷиҳати муҳокимаҳои кушода*

99.Фаъолияти босамари полис бояд дар ҳамкории босифат ва боварӣ дар байни полис ва ҷомеа асос ёбад. Дар акси ҳол, полис иттилооти барои иҷрои кори худ заруро намегирад (маълумотҳои кашшофӣ, хабарҳо дар бораи ҷиноятҳо, нишондодҳои шоҳидон). Чун илова ба воситаҳои алоқаи яктарафа ҷиҳати додани иттилооти марбута, арзиши махсусро барои омӯзиши афкори ҷамъиятӣ ва ҳавасмандгардонии мубодилаи андешаҳои аҳли ҷомеа ва ҳамкорӣ барномаҳои интерактивии муколима бо ҷамъият монанди ташкили форумҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ барои муҳокимаи кушода байни полис ва намояндагони ҳамаи иттиҳодияҳо мебошанд. Ин метавонад иттиҳодияҳоро барои иштирок дар барномаҳо оид ба пешгирисозии ҷиноятҳо, аз ҷумла бо роҳи таъсиси иттифоқҳо оид ба ҳалли масъалаҳо, инчунин нисбат ба инкишофи ҳиссиёти масъулияти

---

Шӯрои Аврупо, Ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), м. 32; Харрис, Нақши мустаҳкам намудани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 24; инчунин CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 54-1.

148 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), § 19.

149 Ниг. Созмони Милали Муттаҳид, Дастури комиссар оид ба хизмати демократии полис дар Федератсияи Босния-Герсеговина (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), принсипи 4; Бэйли, Демократизатсияи полис дар хориҷа (асари мазкур, эзоҳи 4), саҳ. 14;

байниҳамдигарӣ барои баланд бардоштани амнияти ҷамъиятӣ ҷалб намояд. Ба ғайр аз ҷонибдории сокинони маҳаллӣ, барои кори муваффақи полис бояд дастгирии ҳокимияти маҳаллӣ зарур аст. Дар ҳолатҳои муайян, идораҳои дигар метавонанд беҳтар аз полис масъалаҳои ичтимоиро дар ҷамъият ҳаллу фасл намоянд[150].

100. Сарчашмаи ақидаи таъсиси форумҳои ҳаммонанд ҷиҳати муҳокимаи кушод консепсияи гузариш ба фаъолияти политсиягӣ, ки дар ҳамкорӣ бо ҷомеа асос ёфтааст, мебошад, ки ба ҳавасмандкунии ҳамкорӣ дар байни полис ва аҳолӣ дар ошкор ва ҳалли масъалаҳои ташвишовар барои шаҳрвандон ҳадаф гирифтааст: масалан масъалаҳои ҷинояткорӣ, бетартибии ичтимоӣ ва сифати умумии ҳаёт дар ҷамъият[151].

101. Мисолҳои чунин воситаҳои интерактивии гуфтугӯ шӯроҳои машваратии иттиходияҳо, маҷлисҳои ҷамъиятӣ, рӯзҳои кушода дар полис, инчунин шахсони масъули робита бо ҷомеа дар минтақаҳои полис мебошанд[152]. Ҳамаи ин форумҳо бояд барои ҳама намояндагони табақаҳои ичтимоии аҳли ҷамъият кушода бошанд.

102. Ин форумҳои интерактивӣ ба иттилоотонии аҳли ҷомеа дар бораи расмиёти расмӣ ва сиёсати дохилии полис мусоидат менамоянд. Онҳо имкон медиҳанд амалҳои полисро муҳокима намоянд (аз ҷумла мубодилаи таҷрибаи шахсӣ байни кормандони полис ва аъзоёни аҳли ҷомеа) ва аштироки фаъоли аҳолиро дар масъалаҳое, ки ба ҳиссиёти бехатарӣ ва муҳофизатшавӣ дахл доранд,

---

150 Ниг. Сис де Ровер, Хизмат ва ҳимоя намудан. Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи гуманитарӣ дар консепсияҳои касбии хадамоти полис ва амният (Кумитаи байналмилалии салиби сурх, Женева, 1998), саҳ. 171;
Кумитаи Маҷористонии Хелсинки, тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 9;
САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 4;
Созмони Милали Муттаҳид, «Принсипҳои роҳбарикунанда барои пешгирии ҷинояткорӣ», (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 5, 9, 15, 16, 17(d) ва (e), инчунин 21(a);
Шӯрои Аврупо, Ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5); инчунин HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 12, саҳ. 18.
151 Маркази иттилоотии Аврупои Ҷанубию Шарқӣ ва Аврупои Шарқӣ оид ба назоратбарӣ аз болои силоҳи тирандоз ва силоҳи андозаи диаметри
мили тупи майдакутр (SEESAC), Фалсафа ва принсипҳои фаъолияти полис, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфтааст (Белград, 2006), саҳ. 3.
152 HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 12, саҳ. 19.

инчунин имконият медиҳанд ба ҷомеа ҳолати ноосудагии худро изҳор намояд ва баёни андеша намояд, ки чӣ тавр кори полис дар ноҳия гузаронида шавад, масалан, кай ва дар куҷо посбоникунии хатсайри полис зарур аст[153]. Ин форумҳо имкон медиҳанд тамоюлҳои ҷинояткорӣ ва бетартибиро ошкор намоянд, инчунин феҳристи масъалаҳои умумиро, ки ташвишовар мебошанд, тартиб дода шавад, ки ҳамин тавр ба полис имконияти андешидани тадбирҳои пешгирикунандаи ҳалли ин масъалаҳоро қабул намоянд[154].

103. Чун илова ба форумҳои интерактивии ҷамъиятӣ, боз як воситаи муҳим барои гирифтани иттилоот дар бораи мафкураи аҳолӣ пурсишҳои афкори ҷамъиятӣ мебошад (ниг. Пахши ҷамъиятии ҳисоботҳо).

104. Форумҳои ҳамкории полис ва аҳли ҷамъият бештар самаранок мегарданд, агар полис – кўшишҳои гурўҳҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳавасманд ва такмил намоянд – мақсади умумӣ ва амалкунии дахлдори чунин иқдомҳоро ба аҳолии маҳаллӣ мефаҳмонанд[155]. Дар акси ҳол, умедҳо ва интизориҳои нодуруст ва истифодаи нотавони форумҳои мазкур ба ноумедӣ ва аз даст додани боварии бо заҳмати вазнин бадастоварда аз ҳама тараф меоварад.

### *Шаклҳои кори полис, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфтанд*

105. Тадбирҳо оид ба муқаррар намудани муқолима бо аҳли ҷамъият, ки ба паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани амнияти ҷамъиятӣ таъин гардиданд, метавонанд дар намуди лоиҳаҳои

---

153 Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 30;
Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 76; инчунин
Хашу, Анита; Буш, Робин; Зайнаб, Латиф ва Леви, Франческа, Сохтмони муносибатҳои мустаҳкам дар байни полис ва иммигрантҳо: сабақҳои лоиҳаи Ню-йорк (Донишкадаи адлияи Верск, Ню-Йорк, 2005), саҳ. 16.

154 Сандерс, Эндрю ва Янг, Ричард, «Ваколатҳои полис», дар: Тим Нюберн, Маълумотномаи (манбаъ) хадамоти политсиягӣ (Портланд, 2005), саҳ. 237; инчунин Хашу ва др., Сохтмони муносибатҳои мустаҳкам дар байни полис ва иммигрантҳо (асари мазкур, эзоҳи 156), саҳ. 7.

155 Созмони Милали Муттаҳид, «Принсипҳои роҳбарикунанда барои пешгирии ҷинояткорӣ», (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 17(c), (d) ва (e), инчунин 19.

кори полис, ки дар ҳамкорӣ бо ахли ҷамъият асос ёфтааст, гузаронида шаванд.

106. Шакли ягонаи универсалию қобили қабул буда барои хизмати политсиягӣ, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфтааст, мавҷуд нест. Барои ҳамин ҳар гуна барномаҳои фаъолияти политсия, ки дар ҳамкории мутақобила бо ҷомеа асос ёфтааст, бояд бо дарназардошти муҳити маҳаллии сиёсӣ ва фарҳангӣ таҳия ва амалӣ гарданд[156].

107. Муносибат ба фаъолияти полис, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфтааст, бояд барои кормандони полис малака ва сохтори эътиноӣ дар сатҳи маҳал ва муайян намудани афзалияти фаъолияти полис дар шарикӣ бо ахли ҷамъият пешниҳод намоянд. Кормандони махсусан таъин шуда ё дастаҳо, ки бо аҳли ҷамъият ҳамкорӣ доранд, бояд дар асоси доимӣ посбоникунии хатсайриро дар ноҳияҳои мушаххаси ҷуғрофӣ амалӣ намоянд, ба сифати шахсони масъул оид ба алоқа ва кафилони риояи қонун ва тартибот. Барои ба ҷо овардани боварӣ онҳо бояд дар як ноҳия дар муддати якчанд сол кор кунанд. Чӣ тавре ин амалан имконпазир аст, кормандони полис бояд посбониро пиёда амалӣ намоянд, чунки ин имконият медиҳад, ки онҳо бо шаҳрвандон наздиктар сӯҳбат намоянд, дар фарқ аз посбоникунӣ дар автомашинаҳо. Онҳо бояд дорои малакаи махсуси муоширата ва ҳаллу фасли низоъ (аз ҷумла малакаи миёнаравӣ) дошта бошанд, зеро ноҳияҳои гуногуни ҷамъиятҳо бисёр вақт метавонанд аз рӯи дарки қонунӣ будани тарзи ҳаёт ва шаклҳои мақбули адои хизмати полис аз якдигар фарқ кунанд[157]. Онҳо бояд аз тарафи роҳбарият дорои ваколатҳо барои ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият дошта бошанд, ки ба он хизмат менамоянд.

### *Гуфтугӯ бо ҷамъиятҳои аққалиятҳо*

108. Он масъалаҳое, ки барои ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа дуруст мебошад, низ барои ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои аққалиятҳо одилона аст ва

---

[156] САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 3;

[157] Комиссияи мустақил оид ба фаъолияти полис дар Ирландияи Шимолӣ, Иқдоми нав: хадамоти полис дар Ирландияи Шимолӣ. Ҳисоботи комиссия (Белфаст, 1999), саҳ. 42;
САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 10; инчунин SEESAC, Фалсафа ва принсипҳои фаъолияти полис, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа асос ёфтааст (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 154), саҳ. 5;

чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, боз ҳам вазифаҳои мураккабро дар назди полис мегузорад. Полис на танҳо бо масъалаҳои сохторӣ дар кӯшиши ба роҳ мондани робита бо ин аққалиятҳо, монанди гуногунии забонҳо, дин, одатҳо ва дигар хусусиятҳои фарҳангӣ, балки бо он, ки гурӯҳҳои аққалиятҳо дар бисёр мавридҳо нохоҳам ҷиҳати ҳамкорӣ бо полис аз рӯи нобоварӣ меравад, алалхусус агар то ин онҳо мунтазам бо сӯйистифодаҳои полис бархӯрда бошанд[158]. Дар мисоли иммигрантҳо, чунин таҷрибаи номатлуб баъзан аз хориҷа «воридот» карда мешавад. Ба ғайр аз ин, ин ҷамъиятҳо дар бисёр мавридҳо истифода намудани тарзҳои анъанавии ҳалли бахсҳоро дар дохили ҷамъияти худ беҳтар медонанд[159]. Барқароркунии боварии ин аққалиятҳо нисбат ба полис бағоят зарур аст, ки ин гурӯҳҳо мавриди ҳамкорӣ сохторҳои мутавозии бехатариро ташкил диҳанд.

### *Ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ*

109. Барои ба роҳ мондани гуфтугӯ бо ҷамъиятҳои аққалиятҳо лоиҳаҳои махсус зарур мебошанд. Дар доираи ин лоиҳаҳо полис бояд бо хадамоти махсуси ҷамъият, ташкилотҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ) ҳамкорӣ намояд, инчунин бо ташкилотҳои динӣ, ки нақши муҳимро ҳамчун қисми шабакаи мубодила бо иттилоот доранд[160]. Вазифаи интихоб карда гирифтани ташкилотҳои бештар мақбули ташкилотҳои намояндагӣ метавонад тавассути чунин маҳакҳои хостагирӣ монанди устувории ТҒХ, ҳисоботдиҳӣ ва намояндагии воқеъии манфиатҳо ва аъхоёни онҳо ҳалли худро меёбад[161].

110. Мавриди муқаррар намудани муховара бо қисмҳои алоҳидаи аҳли ҷамъият ба полис муҳим аст ба таассуроти он, ки ба ҳар як гурӯҳ онҳо ҳар хел муносибат мекунанд ва барои баъзе аз онҳо имтиёз медиҳанд ва ҳамин тариқ, холисии худро гум менамоянд,

---

158 HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 12, саҳ. 18.

159 Хашу ва диг. Сохтмони муносибатҳои мустаҳкам дар байни полис ва иммигрантҳо (асари мазкур, эзоҳи 156), саҳ. 3.

160 Созмони Милали Муттаҳид, «Принсипҳои роҳбарикунанда барои пешгирии ҷинояткорӣ», (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 9, 15, 16, 17(d);

Шӯрои Аврупо, Ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5); инчунин

EPPHR, ТҒҲ ва полис (асари мазкур, эзоҳи 61), саҳ. 24.

161 EPPHR, ТҒҲ ва полис (асари мазкур, эзоҳи 61), саҳ. 24.

алалхусус мавриди ҳалли мунокишаҳо байни иттиҳодияҳо, роҳ надиҳанд.

111. Рушди алоқаҳои зич бо ҷамъиятҳо метавонад ба духӯрагии ахлоқӣ барои кормандони полис оварад, вақте, ки ба онҳо аломатҳои сипосгузорӣ пешниҳод карда мешавад, метавонад ба осонӣ ҳамчун гузариш аз сарҳад ба сӯи коррупсия маънидод карда шавад[162] (ниг. низ ба § 27).

112. Дар як вақт, фаъолияти полис дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфта, дар пешгирӣ ё мубориза бо маҷмӯи васеъи масъалаҳо мутамарказонида мешавад, бо фарорасии ҳамаи қисмҳои ҷомеа, мисолҳои лоиҳаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият дидбонҳои ҳамсоягӣ, тоза кардани муҳити атроф, хабаргирии мактабҳо ва ташкили лагерҳои ҷавонон барои барқарор намудани боварӣ дар байни кӯдакону насли наврас ва полис, инчунин байни кӯдакон бо баромади (маншаъи) гуногуни этникӣ/фарҳангии/ иҷтимоӣ мебошанд. Мавзӯҳои замонавӣ метавонанд бехатарии ҳаракати роҳ, маориф бар зидди маводи муходира ё вокуниш ба зӯроварӣ ва дигар шаклҳои номақбул шуда метавонанд ва бо ин сатҳи ҷинояткорӣ ва рафтори иғвогарона дар байни ҷавонон паст карда мешавад[163].

## V. Ташкили фаъолияти полис ва масъалаҳои идоракунӣ

### *Мартаботи хизматӣ ва мухторияти оперативӣ*

113. Полис зери идоракунии босамар ва назоратбарии ҳокимияти дахлдори шаҳрвандӣ мебошад (ниг. низ ба § 82)[164]. Давлатҳо-иштирокчиён назоратбарии демократии сиёсиро аз

[162] Нюберн, Фаҳмиш ва пешгирисозии коррупсия дар полис (асари мазкур, эзоҳи 48), саҳ. 47; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 20.
[163] Созмони Милали Муттаҳид, «Принсипҳои роҳбарикунанда барои пешгирии ҷинояткорӣ», (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 6(а) (b) ва (с).
[164] САҲА, Ҳуҷҷати ҷаласаи Москва (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 61), м. 25.1.

болои …полис ҳамчун унсури ивазнашавандаи осоиштагӣ ва амният таҳлил менамоянд»[165]. Вале, бояд тақсимоти вазифаҳо ҷой дошта бошад, ки дар ин намояндаи ҳукумат дорои ваколати ташаккулёбии самтҳои сиёсат ва амалӣ намудани назоратбарӣ ва назорат, дар сурате, ки роҳбарияти полис дорои амалӣ намудан ва назоратбарии идоракунии оперативиро ба таври босалоҳият бошанд[166].

114. Ташкилоти полис бояд мартаботи аниқи хизматӣ ва тақсимоти салоҳият дар дохили полис дошта бошад. Ҳама вақт бояд имконияти муайян намудани шахсони масъул барои амалҳо ё иштибоҳҳои ҳайати шахсии полис бошад[167].

115. Шахсони мансабдори калон бояд дорои масъулияти кофии оперативӣ ва имконияти мустақилона қабул кардани қарорҳои оперативӣ бошанд. Ин қарорҳо бояд ба қонун мувофиқат кунанд ва аз тарафи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ зери назорат бошанд[168]. Мақомоти сиёсии ҳокимият дорои ваколати санҷиши риояи тартиби мурофиавии фаъолияти полис, инчунин тарзи амалӣ намудани сиёсати муқарраргашта мебошанд[169].

116. Дар сурате, ки ҳукуматҳои демократӣ дар бисёр маврид дорои ваколатҳо дар таъини роҳбарони болоии полис мебошанд, дигар таъинот ва болоравӣ дар хизмат (нигаред низ ба §§ 128 ва 137) инчунин бояд кори дохилии полис бошанд[170] ва мақомоти иҷроия фақат метавонад натиҷаҳои ҷараёни шаффофи интихоб (ба вазифа

---

165 САҲА, Кодекси рафтор, ки ба паҳлӯҳои ҳарбию сиёсии амният дахл дорад (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 1), § 20.

166 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 13;
Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 22; инчунин
Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 27.

167 Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), A § 4;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 17;

168 Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §§ 15 ва 60;
Ҷонс, «Идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар полис» (асари мазкур, эзоҳи 10), саҳ. 613; инчунин Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 25.

169 Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 24; инчунин
Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 42.

170 Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 24.

таъин карданро) зери шубҳа гузоранд ва тасдиқ намоянд[171]. Шаффофияти иловагӣ метавонад бо роҳи ҷалби комиссияҳои хизматӣ ё мақомоти назорати шаҳрвандӣ таъмин гардад[172].

117. Ғайримарказонӣ ва ғайритамаркузии ҷараёни қабули қарорҳо ва идоракунии захираҳо аҳамияти махсусро барои фаъолияти полис дорад, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷамъият асос ёфта хоҳад шуд (ниг. низ ба §§ 11, 80 ва 107).

### *Роҳбарият*

118. Модом, ки кормандони роҳбарикунандаи полис бояд намунаи ибрат барои кормандони хурд бошанд, онҳо бояд риояи кодексҳои касбии рафтор (одоб) ва стандартҳои хизмати политсиягиро дар кори ҳаррӯзаи худ намоиш диҳанд[173]. Ҷиҳати нигоҳдории арзишҳо ва раҳнамуди этикии кори полис, ин арзишҳо бояд мунтазам эълон карда шаванд, ки фаҳмиши возеҳи онҳо дар тамоми мақомот таъмин карда шавад[174]. Ин махсусан муҳим нисбати меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои маънидодкунӣ нуқсон ё духӯрагӣ дар мавриди татбиқи онҳо доранд, бо мақсади роҳ надодан ба сӯйистифода аз ваколатҳо, ки имконияти амал намудан аз рӯи ихтиёри худ медиҳанд[175] (ниг. низ ба § 21).

119. Таҷрибаи амалии роҳбарӣ бояд муҳити боварӣ дар қувваи худ, дастгирӣ ва рушди шахсияти кормандонро ҳавасманд намояд.

120. Дар мақомоти полис бояд тартиби назоратбарӣ ҷиҳати арзёбии иҷрои кор аз тарафи кормандони онҳо дошта бошад. Асосҳои демократии фаъолияти полис назоратбарии доимии сифати хизматрасониҳоро, ки ба аҳли ҷамъият расонида мешавад, талаб менамоянд. Сифат метавонад бевосита чен карда шавад, ҳамчун

---

171 Харрис, Нақши мустаҳкам кардани иқтидор дар ислоҳоти политсиягӣ (асари мазкур, эзоҳи 50), саҳ. 27.

172 Ташаббуси Иттиҳод дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Ҳисоботдиҳии полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 40.

173 HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 11, саҳ. 17.

174 Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 38.

175 Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 9), м. 7; и
Боулинг /Филлипс, «Фаъолияти политсиягӣ дар ҷамъиятҳои аққалиятҳои этникӣ» (асари мазкур, эзоҳи 65), саҳ. 535.

мувофиқат ба стандарти муайян, ё бавосита – тавассути арзёбии истеъмолкуанда/ҷамъиятҳо ё бо роҳи баҳодиҳии натиҷаҳо. Моделҳои «Идоракунии умумии сифат» (TQM) ба такомули мунтазами ҷараёнҳои маъмурӣ, бо истифода аз воситаҳои таҳлилӣ ва ширкати ҳамаи кормандони полис дар кори дастаҷамъӣ (бо як команда, даста) ҳаракат доранд, бо диққат бурдан дар расмиёту тартиби мурофиавии кор, ки барои баланд бардоштани сифат мусоидат мекунанд[176].

121. Роҳбарон бояд ба ӯҳдаи худ масъулиятро барои иҷрои кор аз тарафи кормандони полис, инчунин риояи кодексҳои рафтор ва стандартҳои ҳуқуқҳои инсонро бо роҳи санҷишҳои мунтазами эълоннашуда ва мустақил назорат намоянд[177] (ниг. низ ба §§ 87 ва 92).

122. Шахсони мансабдори роҳбарикунанда бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, агар ба онҳо маълум гардид ё метавонад маълум гардад, ки кормандони зертобеъи онҳо ҳуқуқҳои инсонро ва/ё қоидаҳои муайян ё дастурамалҳоро, ки иҷрои ӯҳдадориҳои полисро танзим менамоянд, вайрон намоянд[178].

123. Низоми ҳисоботдиҳӣ ба роҳбарият ва таҷрибаи таҳлили онҳо бояд ба ошкор намудани тамоюлҳо мусоидат намояд, таълимот ва амнияти кормандонро баланд бардорад, инчунин бо иттилооти саривақтӣ мақомотро, ки барои ҳалли масъалаҳои ташфишовари аҳли ҷомеа масъул мебошад, таъмин намояд. Ҳисоботдиҳии саривақтӣ ва дуруст ҷиҳати ташкил ва нигоҳдории боварӣ нисбат ба полис кӯмак мекунад[179].

### *Ҳайати кадрии полис*

124. Дар ҷаҳони гуногунии афхоишшудаистодаи этникӣ ва фарҳангӣ дар дохили давлатҳо, инчунин шиддатёбии афзун дар байни гурӯҳҳои гуногун, ба полис нақши калидӣ дар нигоҳдории асосҳои сохтории ҷамъиятҳои мо ҷудо карда мешавад.

---

[176] Сохтори арзёбии умумӣ, Такмили ташкилот тавассути худбаҳодиҳӣ (2006), саҳ. 50 ва ғайра.

[177] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 20; Шӯрои Аврупо, Стандартҳои КАПШ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), § 50, саҳ. 16; инчунин Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 29.

[178] Созмони Милали Муттаҳид, Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 29), м. 24.

[179] CALEA, Стандартҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 40), саҳ. 1-7.

Барои ҳамин полис бояд бо адлу инсофи баҳснопазир нисбат ба ҳамаи гурӯҳҳо муносибат кунад[180]. Ба ғайр аз ин, то ки ба боварии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дароянд, ҳайати кадрии полис бояд аҳли ҷамъиятро дар маҷмӯъ инъикос намояд[181].

125. Муносибати фоизии занҳо дар полис, чун қоида, ба ҳайати аҳолӣ мутаносиб нест, ки занҳо аққалиятро ташкил медиҳанд. Занҳо махсусан кам мансабҳоеро дар сатҳи роҳбарият ва таҳияи сиёсат ва стратегияҳо ишғол менамоянд. Бинобар ин, зарурати зиёд кардани қабули занҳо ба кор ва ҷойгиронии онҳо дар ҳамаи сатҳҳои ҳамаи мақомотҳо ҷой дорад[182]. Ин натанҳо аз зарурияти иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилию ҳуқуқӣ (баробарии ҳама дар назди қонун), балки баланд бардоштани сифати кори полис бармеояд (ниг. низ ба § 129).

126. Сатҳи боварӣ ба полис метавонад махсусан дар байни аққалиятҳо, ки қаблан бо муносибати чапгиру ғаразнок, шояд тақиботӣ бархӯрданд (масалан, зери ҳимояи муносиб қарор нагирифтанд, ба криминализатсия гирифтор буданд). Барои он, ки шиддатнокӣ дар муносибати миёни аққалият ва аксарият афзун нагардад[183], инчунин баҳри роҳ надодан ба инкишофи сохторҳои мутавозӣ дар ҷомеа, ки иқтидоран ба фазои холии бехатарӣ дар байни аққалиятҳо меоваранд, полис бояд бо азми қавӣ ва пайдарҳамона бо ҷинояткорие мубориза барад, ки ангезааш кинаю адовати этникӣ мебошад. Бояд муносибати байниҳамдигарии полис ва аққалиятҳо

---

180 Ниг. Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (асари мазкур, эзоҳи 13), муқаддима; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 18.

181 Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), параграфи дебоча, 8(а);
САҲА, Баённомаи амнияти Аврупоӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 2), м. 44;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §25.

182 Сис де Ровер, Хизмат ва ҳимоя намудан (асари мазкур, эзоҳи 153), саҳ. 306;
САҲА, Тадқиқоти фаъолияти политсиягӣ дар Иттифоқи Ҷумҳурии Югославия (Белград, 2001), саҳ. 20; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §25.

183 Ниг. Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (асари мазкур, эзоҳи 13), муқаддима; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §18.

инфишоф дода шаванд, инчунин ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ тақвият дода шавад[184].

127. Яке аз қадамҳои муҳим дар барқароркунии боварии ҷамъиятҳои аққалиятҳо ҳампайвандии онҳо дар сафи полис дар ҳамаи мансабҳо ва функсияҳо мебошад. Ҳамгироии онҳо на танҳо тадбири мустаҳкам намудани боварӣ, балки полисро бо доираи васеъи донишҳо ва малакаҳо, ки барои кор дар муҳити фарҳангии гуногун зарур мебошанд, таъмин менамояд[185] (ниг. низ ба § 129).

### *Сиёсати кадрӣ*

128. Сиёсати полис нисбат ба интихобу ҷобаҷогузорӣ, даъват, таъини кадрҳо ва болоравӣ дар хизмат бояд аз ҳар гуна шаклҳои таъбизи ғайриқонунӣ озод бошад[186] (ниш. низ ба §§ 116 ва137).

---

[184] Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), параграфи дебоча, 8(a);
САҲА, Баённомаи амнияти Аврупоӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 2), м. 44; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §25 ва 30.

[185] Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (асари мазкур, эзоҳи 13), м. 3.7;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §25 ва 30;
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 4, саҳ. 10 ва ғайра.
Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 21(2);
Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои таъбизи нажод (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), параграфҳои дебоча 5, 8, 9 ва 10, м. 2(1)(e) ва 5(e);
Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2, 3 ва 26;
САҲА, Санади хотимавӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 21), м. VII, саҳ. 6;
Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Б, § 2;
Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), параграфи дебоча, 8(a);
Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбат ба занҳо (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), параграфҳои дебоча, 3, 9, 14, инчунин м. 2 (d)-(f), 3, 5(a), 11(b) ва (c); инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §22 ва 25.

[186] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. 21(2);

129. Сиёсати кадрӣ бояд ҷалби баробари занҳо ва аққалиятҳои миллиро ба ҳайати полис таъмин намояд[187]. Дар сурате, ки ҳар гуна иқдомҳо оид ба ҷалб намудан ба хизмат бояд дар маҷмўъ ба ҷамъият равона шуда бошанд, қадамҳои махсус барои зиёд намудани таносуби фоизии занҳо ва намояндагони аққалиятҳо дар полис зарур мебошанд.

130. Барои зиёд кардани намояндагии занҳо ва аққалиятҳо бояд нишондиҳандаҳои оморӣ муқаррар карда шаванд, дар ҳолатҳои фавқулодда бошад ва танҳо ба мўҳлати маҳдуди вақт метавонанд тадбирҳои махсус оид ба ҷалби кадрҳо баҳри ислоҳи дисбаланс (нобаробарӣ) татбиқ гарданд[188].

131. Илова бар ҳамин дастурамалҳои мансабӣ ва маҳакҳои хостагирифтан набояд ба занҳо ва намояндагони аққалиятҳо, балки ба ҳамаи ҷамъиятҳо ва табақаҳои ҷомеа татбиқшаванда бошанд. Интихоб ва болоравии кормандони полис дар хизмат бояд шаффоф бошанд ва дар донишҳои онҳо, малака, муносибат ба хизмат ва хислати мусбӣ (надоштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои вазнин) асос ёбанд. Паст кардани стандартҳо барои намояндагони аққалиятҳо ва додани бартарият ба номзадҳо аз гурўҳҳои муайян (сиёсӣ) нисбат ба онҳо бовариро суст мекунад. Камбудиҳо дар таҳсилоти аққалиятҳои

---

Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои таъбизи нажод (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), параграфҳои дебоча 5, 8, 9 ва 10, м. 2(1)(e) ва 5(e);

Созмони Милали Муттаҳид, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 2, 3 ва 26;

САҲА, Санади хотимавӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 21), м. VII, саҳ. 6;

Шўрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Б, § 2;

Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), параграфи дебоча, 8(a);

Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбат ба занҳо (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), параграфҳои дебоча, 3, 9, 14, инчунин м. 2 (d)-(f), 3, 5(a), 11(b) ва (c); инчунин Шўрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §22 ва 25.

[187] САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 10.

[188] Барномаи Аврупоӣ оид ба хизмати политсиягӣ ва ҳуқуқҳои инсон (EPPHR), Пазириш ва нигоҳдории кормандони полис аз ҷамъиятҳои аққалиятҳо: масъалаҳо барои муҳокима (2004), саҳ. 5

HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 5, саҳ. 11.

муайян, монанди мушкилиҳои забонӣ, метавонанд ба воситаи омодагии тохизматӣ пурра карда шаванд[189].

132. Ҷалб ва ҳамгироии занон ва аққалиятҳо миллӣ инчунин ҷиҳати омодагии муҳити полис ба гуногунии фарҳангӣ зарур аст. Бояд муҳими фарҳангию бетараф ба вуҷуд оварда шавад, ки дар он занҳо, мардҳо ва ҳамаи ҷамъиятҳо худро бо ҳузуру ҳаловат ҳис намоянд; инчунин бояд тадбирҳое андешида шаванд, ки муроҷиат ва муносибати баробар нисбат ба ҳамаи кормандони полис дар дохили ташкилот таъмин карда шавад. Барои ҳамин, бояд аз утоқҳои полис ҳар гуна аломатҳо, варақаҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳои шахватию таҳқиромез, аз ҷумла марбут ба ягон гуна аломатҳои динӣ ё миллӣ, ки ба яке аз тарафҳои низоъи этникӣ мансуб аст, нест карда шаванд[190].

133. Ҳайати амалкунандаи полис, инчунин кормандони нав ба кор омада бояд дар бораи стандартҳои мақбули рафтор дар шароити хизмати гендерию баробар ва фарҳангию гуногун хабардор шуда бошанд. Бояд механизмҳои босамари дохилии додани шикоятҳо ташкил карда шаванд; роҳбарият бояд додани шикоятҳоро аз тарафи занон ва намояндагони аққалиятҳо дар мавридҳои таъбизи онҳо ё талошҳои ҷинсӣ ҳавасманд намоянд[191].

### *Нигоҳ доштани кадрҳо*

134. Баъди қабул ба кор ва таълим, кормандони полис бояд ҷиҳати идомаи кор дар полис ҳавасманд карда шаванд. Масъалаҳои

---

189 Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), м. 2.5 ва 2.6; инчунин
Шӯрои Аврупо, Кодексҳои рафтор барои хизматчиёни давлатӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 9), м. 24;
Шӯрои Аврупо, Кодекси аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §22 ва 24;
EPPHR, Пазириш ва нигоҳдории кормандони полис аз ҷамъиятҳои аққалиятҳо (асари мазкур, эзоҳи 191), саҳ. 5; инчунин
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 6, саҳ. 12.

190 EPPHR, Пазириш ва нигоҳдории кормандони полис аз ҷамъиятҳои аққалиятҳо (асари мазкур, эзоҳи 189), саҳ. 3; инчунин
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 7, саҳ. 12.

191 Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (асари мазкур, эзоҳи 13), м. 2.13; инчунин
HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 7, саҳ. 12.

муҳим, ки ба қарори онҳо дар бораи идомаи кор таъсир мерасонанд, чунин омилҳо монанди муҳити корӣ, таъин кардани онҳо ба вазифа ва имкониятҳои расидан ба мартабаҳои боз ҳам баланд дар оянда мебошанд[192].

135. Монанди утоқҳои таълимӣ, муҳити корӣ бояд фарҳангию бетараф бошад, муносибат нисбати ҳамаи кормандон бошад баробар амалӣ шавад. Таъсиси ассотсиатсияҳои ҳайати шахсӣ, тарбиятгарӣ (парастории устодию шогирдӣ аз ҷониби кормандони собиқадори соҳа нисбати мутахассисони ҷавон ба онҳо вобаста карда шуда) ва институтҳои назорат барои ба вуҷуд овардан ва нигоҳдории чунин муҳит кӯмак медиҳанд[193].

136. Нисбат ба таъин кардан ба вазифа, бояд ба ҷудогузории кормандони ҷинси зан ё намояндагони аққалиятҳо роҳ дода нашавад. Азбаски полис инчунин вазифадор аст намунаи ибрат дар ҷомеа бошад, хислати бисёрфарҳангии полис бояд дар ҳамаи воҳидҳо ва минтақаҳо дида шавад, на танҳо дар ноҳияҳо алоҳидаи бисёрмиллӣ[194]. Кормандони полис бояд ҳавасманд гардонида шаванд, ки дорои таҷрибаи кор дар ҷамъиятҳои омехта гарданд, на танҳо дар маҳал ва ҷамъияти анъанавии худ[195].

### *Пешравӣ дар хизмат ва мартабаи баланд*

137. Нисбати пешравӣ дар хизмат, кормандони ҷинси зан дар полис ва кормандоне, ки аққалиятҳо мансубанд, бояд имконияти баробарро барои таҳсилоти иловагӣ, ки тахассуси онҳоро ҷиҳати ишғоли вазифаҳои боз ҳам баланд ишғол намудан такмил медиҳад, дошта бошанд. Худи ҷараёни болоравӣ дар хизмат бояд шаффоф бошанд ва танҳо дар таҷриба ва тахассуси кормандон асос ёбанд (ки тавассути тестҳои хаттӣ ва сӯҳбати шифоҳӣ, инчунин бо ҷалби

---

[192] Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 5), Б, § 4.
[193] САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуч. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 11; EPPHR, Пазириш ва нигоҳдории кормандони полис аз ҷамъиятҳои аққалиятҳо (ҳуч. мазкур, эзоҳи 191), саҳ. 8; ва HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 7, саҳ. 11.
[194] HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 4, саҳ. 10.
[195] HCNM Тавсияҳо оид ба фаъолияти политсиягӣ дар ҷомеаи бисёрмиллӣ (ҳуч. мазкур, эзоҳи 13), тавс. 7, саҳ. 14.

марказҳои баҳодиҳӣ) ва на ин, ки аз рӯи мансубияти онҳо ба ҷамъиятҳои муайян ё гурӯҳҳои сиёсӣ[196] (ниг. низ ба §§ 116 ва 137).

138. Бояд сиёсат ва дастгирии сиёсии возеҳ (аз тарафи роҳбарияти сиёсӣ ва политсиягӣ) нисбат ба ҷалби занҳо ва намояндагони аққалиятҳо ба хизмат, аз ҷумла стандартҳои касбии мурочиат бо аққалиятҳо ҷой дошта бошад[197], инчунин омодагии ҷамъиятҳои аққалиятҳо ҷиҳати ҳамгирой ба мақомоти давлатии ҳокимият. Аҳамиятро ба муҳимияти дастурҳо аз боло оид ба ҳамгироии занҳо ва намояндагони аққакалиятҳо дода, амалисозии воқеъии он бояд дар сатҳи маҳаллӣ ҷой дошта бошад[198]. Шарикӣ бо ташкилотҳои занон ва ташкилотҳои аққалиятҳо дар сатҳи маҳал метавонанд хело фоидаовар гарданд[199] (ниг. низ ба §§ 109-110).

### *Ҳуқуқҳои кормандони полис*

139. Кормандони полис, чун қоида, дорои ҳамон ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мебошанд, монанди шаҳрвандони дигар. Маҳдудият дар ин ҳуқуқҳо метавонад он вақте муқаррар карда шавад, вақте ки онҳо барои амалӣ намудани функсияҳои полис дар давлати демократӣ зарур бошанд, мувофиқ ба қонун ва бо риояи муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[200] (ниг. низ ба §§ 9 ва 12).

140. «Кормандони полис, монанди хизматчиёни давлатӣ, бояд ба дараҷаи акмал аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода намоянд»[201]. Онҳо бояд дорои ҳуқуқи ташкил ва иштирок дар ташкилотҳои намояндагӣ дошта бошанд. Онҳо низ бояд дорои ҳуқуқи гирифтани музди меҳнат, ки барои ҳавасмандкунии сатҳи баланди касбии аз онҳо маъмул ба дараҷаи кофӣ мебошад, бошанд. Ба ғайр аз ин, онҳо бояд дар системаи суғуртакунонии иҷтимоӣ иштирок намоянд, инчунин бо кафолатҳои махсуси муҳофизати саломатӣ ва

---

[196] Созмони Милали Муттаҳид, Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбат ба занҳо (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 60), м. 11(b) ва (c); инчунин
EPPHR, Пазириш ва нигоҳдории кормандони полис аз ҷамъиятҳои аққалиятҳо (асари мазкур, эзоҳи 191), саҳ. 7

[197] САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис ( ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 42.

[198] САҲА, Нақши хизмати ҷамъиятии полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 6), саҳ. 42.

[199] Фонди «Хадамоти полис дар ҷамъияти бисёрмиллӣ», Баённомаи Роттердам (асари мазкур, эзоҳи 13), муқаддима;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 23.

[200] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 31.

[201] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 32.

амният таъмин гарданд, аз ҷумла асбобу таҷҳизот, таълимот ва расмиёти оперативӣ, бо дарназардошти хислати махсуси кори полис таъмин гарданд[202].

141. Кормандони полис, ки мувофиқи қонун ва кодекси касбии одоб амал мекунанд «дорои ҳуқуқ ба дастгирии фаъоли маънавӣ ва ҷисмонии ҷамъият доранд»[203], ки ба он хизмат менамоянд, инчунин ба муносибати эҳтиромона аз тарафи роҳбарият ва ҳамкасбон ҳақ дорад. Омили инсонӣ барои муқаррар намудан ва нигоҳдории асосҳои демократии фаъолияти полис асосгузоранда мебошад. Барои ҳамин вазъи кормандони полис бояд эътироф ва дастгириро аз ҷониби ҷамъият таъмин намояд[204].

142. Нисбат ба кормандони полис набояд ҷазоҳои маъмурӣ ё дигар чораҳои ҷазо татбик гарданд, агар онҳо дар бораи вайронкуниҳои ҷойдошта ё имконпазири кодекси одоби касбӣ аз тарафи кормандони дигари полис хабар диҳанд[205]. Кормандони полис, ки чунин гузориш пешниҳод намуданд, бояд аз ҳар гуна қасосгириҳо муҳофизатшуда бошанд.

143. «Ҳар гуна тадбирҳои интизомӣ нисбат ба корманди полис бояд мавриди санҷиш аз тарафи мақомоти мустақил ё суд қарор гиранд»[206]. Монанди шаҳрвандони қаторӣ, кормандони полис дорои ҳуқуқ ба ҳимоя баррасии одилона ва муносиби баррасии судӣ, инчунин ҳуқуқи нигоҳдории хомӯшӣ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ бар зидди онҳо мебошанд[207]. «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд

---

[202] Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ҳуҷ. мазкур., эзоҳи 5), м. м. 22, 23(3) и(4);
Шӯрои Аврупо, Баённомаи иҷтимоии Аврупоӣ (1961), м. м. 4.1, 5, 12 ва 13;
Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), Б, §§ 3,6, 7 ва 8;
Кумитаи Маҷористонии Хелсинки, тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 4; инчунин Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 32.

[203] Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), А, § 1b.

[204] Кумитаи Маҷористонии Хелсинки, тавсияҳои Будапешт (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 32), м. 4

[205] Созмони Милали Муттаҳид, Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), м. 8(b)

[206] Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), § 33.

[207] Шӯрои Аврупо, Эъломия дар бораи полис (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), B, § 11;
Шӯрои Аврупо, Кодекси Аврупоии одоби касбӣ (ҳуҷ. мазкур, эзоҳи 5), §33 ва 34; инчунин Брюс/ Нейлд, Полисе, ки барои мо зарур аст (асари мазкур, эзоҳи 5), саҳ. 42.

кормандони полисро дар мавридҳои айбдоруниҳои беасос бар зидди онҳо дар иртибот бо иҷрои вазифаҳои мансабии онҳо дастгирӣ намоянд»[208].

### *Таҷҳизот*

